Зан–Модар ҳамеша ҳамчун рамзи покию зебоӣ, ғамхорию меҳрубонӣ ва фидокорӣ дар дилу дидаи ҳар фарди ҷомеа ҷой дорад.
Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№3(1081)
31 марти соли 2025

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail:
omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## ЗИКРИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲО ДАР ПАЙВАСТАГӢ БО ШОҲАНШОҲ ҶАМШЕД

Дар натиҷаи тадқиқоти зиёди илмӣ собит шудааст, ки Наврӯз яке аз ҷашнҳои бостонии тоҷикон ба шумор меравад. Пайдоиши он аслан ба олами коиноту табиат сахт алоқамандӣ дорад. Тавре аз хулосаҳои олимони риштаи табиатшиносӣ, ба хусус ситорашиносон бармеояд дар давоми сол Офтоб дар байни ситораҳо аз тарафи ғарб ба шарқ аз рӯи даври калон ботадриҷ ҳаракат мекунад. Ҳамин роҳи ҳаракати зоҳирии солонаи Офтобро дар илми нуҷум эклиптика меноманд. Эклиптика аз болои 12 бурҷ Ҳут, Ҳамал, Савр, Ҷавзо, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷадӣ ва Давл, ки он минтақаи бурҷҳо номида мешавад, мегузарад. Офтоб дар давоми сол аз қисми ҷанубии кураи осмон ба қисми шимолии он ҳаракат карда, экватори дунёро 21 март дар нуқтаи эътидоли (баробаршавии шабонарӯзии) баҳорӣ ва дар мавриди аз қисми шимолӣ ба ҷануб ҷой иваз карданаш ҳамон экваторро 21-22 сентябр дар нуқтаи эътидоли тирамоҳӣ бурида мегузарад. Яъне, дар давоми сол ду маротиба шабу рӯз баробар мешавад. Дар ҳамин ду мавврид, яъне эътидоли баҳорӣ ва тирамоҳӣ, ниёгони мо ду ҷашн – Наврӯз ва Меҳргонро офариданд. Инчунин, дар давоми сол Офтоб ду маротиба ҷойивазкунии калонтаринро аз сар мегузаронад, ки яке ба 22 июн ва дигаре ба 22 декабр рост меояд. Ҷашнҳои Тиргон ва Сада ба ин ду ҳолати табиат алоқамандӣ доранд.


Аҳлиддин Ибодуллозода,
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ниёгони мо ҳанӯз шаш ҳазор сол қабл замоне, ки ҳеҷ як дастгоҳҳои ченкунию мушоҳидакунӣ вуҷуд надошт, чунин ҳодисаҳои табиатро дар асоси таҷриба ва мушоҳидаҳо дарёфтанд ва ба ин муносибат ҷашнҳо оростанд. Ба назари мо воқеан ин амалкард ва чунин дарёфт нишонаи хиради воло ва соҳибтафаккур будани гузаштагони моро возеҳ нишон медиҳад.

Тавре, донишманди асримиёнагӣ Абӯсаиди Гардезӣ дар асари хеш «Зайн-ул-ахбор» менависад: «Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро, ки сари сол бошад ва шаб бо рӯз баробар шавад ва он сояҳое аз деворҳо бигзарад ва офтоб аз равзанаҳо уфтад».

Чун халқи мо, ки аз азал дар замиру сиришташ фарҳангпарварию зебоипарастӣ таҷаллӣ мекард, дар марҳилаҳои баъдии таърих ба чунин ҷашнҳо ҳар навъ анъанаҳое эҷод кардаю ба он қабои нав пӯшониданд. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста ин ҷашнҳо, ба хусус Наврӯз ба як маҷмӯаи бузурги донишҳо табдил ёфт. Дар баробари ин ҳаргуна ривоёту қиссаҳо дар давраҳои мухталифи таърихӣ аз забонҳои гузаштагону ровиён қисса мекарданду менавиштанд ва ин тарзи муносибат аз як ҷиҳат сабаби гуногунрангии андешаҳо дар бораи пайдоиши ҷашни Наврӯз гардид. Дар сарчашмаҳои таърихӣ, албатта ривояту ахбори зиёде доир ба пайдоиши ин ҷашни бостонии мо оварда шудааст, ки омӯзиш ва донистани он аз манфиат холӣ нест.

Доир ба бунёдгузори ҷашни Наврӯз дар сарчашмаҳо фикрҳои мухталиф вуҷуд дорад. Агар маълумотҳое, ки дар маъхазҳои асримиёнагӣ оварда шударо пайгирӣ намоем, бештар ҳамчун асосгузори Наврӯз ба шоҳ Ҷамшед ишора мешавад. Аммо дар баробари ин дигар шахсиятҳо, аз ҷумла номи Каёмард (Каюмарс) низ дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба назар мерасад.

Ба ин маънӣ донишманди намоёни тоҷик Умари Хайём дар асари хеш «Наврӯзнома» бунёди Наврӯзро ба Каёмард дониста, менависад: «…чун Гаюмарт (Каёмард) аввал аз мулуки Аҷам ба подшоҳӣ биншаст, хост ки айёми солу моҳро ном ниҳад ва таърих созад, то мардум онро бидонанд. Бингарист, ки он рӯз бомдод офтоб ба аввалдақиқаи ҳамал омад мӯъбадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд…мӯъбадон чунон карданд, пас Гаюмарт ин рӯзро оғози таърих кард».

Давомаш дар с.2

## ДАР ИН ШУМОРА:


БОЗДИДИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМ АЗ ДОНИШГОҲ 5


«ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ТАҲЛИЛИ ФИЗИКО-ХИМИЯВӢ» 8


Certificate of Ranking
This certificate is awarded to
[Tajik State Pedagogical University Named After S. Ayni]
For being ranked (8th) in HE Higher Education Ranking, 2025 edition.
We acknowledge the outstanding commitment and excellence demonstrated by your university in maintaining a high standard of education and research, and for contributing towards the advancement of knowledge and innovation.
The ranking is accessible via the following link:
https://ranking.heranking.com/2025/tgpu.tj

ДОНИШГОҲ ДАР РЕЙТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МИЁНИ 422 МУАССИСАИ ОЛӢ ҶОЙИ 8-УМРО ИШҒОЛ НАМУД 8


ДАР ЛИТСЕЙИ НАЗДИ ДОНИШГОҲ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАҶЛИЛ КАРДА ШУД 9

*Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.*



# ЗИКРИ НАВРӮЗ ДАР САРЧАШМАҲО ДАР ПАЙВАСТАГӢ БО ШОҲАНШОҲ ҶАМШЕД

Аввалаш дар с.2

Дар «Осор-ул-боқия»-и худ мутафаккири тоҷик Абурайҳон Берунӣ агарчӣ ин ҷашнро ба замони шоҳ Ҷамшеди пешдодӣ нисбат медиҳад, аммо ҷое боз таъкид мекунад, ки то Ҷамшед ин ҷашн вуҷуд дошт. Тавре дар ин сарчашмаи таърихӣ мехонем: «…ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт. Пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд».

Аммо дар мавриди нисбат додан ба шоҳ Ҷамшед маълумотҳо бештаранд. Азбаски ин маълумотҳо зиёдтаранд месазад атрофи Ҷамшед ва замони подшоҳии ӯ нигоҳи фишурдае дошта бошем.

Исми Ҷамшед дар Авесто Йима писари Вивахванта, дар паҳлавӣ Йимак ё Ҷамак писари Вивангаҳон ва дар санскрит Йама писари Вивасвант зикр шудааст. Яъне, Ҷамшед яке аз бузургтарин ориёиҳо буда, дар нахустин давлати ориёӣ ҳамчун барҷастатарин подшоҳи давлати Пешдодиён ҳукумат кардааст.

**Наврӯз, ки аслаш сохтани худ ва таъмини саодати башарист ба Ҷамшед нисбат додан ба гумони ғолиб ба воқеият наздикӣ дорад. Ҳидояти Ҷамшед мардумро ба хушбахтию адолат ва бунёди Наврӯз дар асари «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ба таври зайл омадааст: «Ва дуо кард, (Ҷамшед дар назар аст. И.А.) то Худой, аззу ҷалл, гармову сармо ва бемориву марг аз мардумон баргирад. Худой, аззу ҷалл, аз некусирати вай дуои ӯ мустаҷоб кард ва ин офатҳо аз мардумон бардошт. Ва сесад сол ҳам бар ин ҷумла буд. Ва чун ин дуои ӯ мустаҷоб шуд, шукри ӯро ҷашни Наврӯз сохт...». Ҳамин аст, ки номи Ҷамшед дар китоби “Авесто” бештар ба некӣ зикр мешавад. Аз он, ки барои мардум зиндагии муфидро сохт дар ин сарчашмаи таърихӣ атрофи он чунин гуфта мешавад: «Ҷамшед, он ки ба шаҳриёрии хеш ҷонварону мардумонро бемарг ва обҳову гиёҳонро нахушкиданӣ ва хӯрокҳоро накостанӣ кард».**

Замони подшоҳии Ҷамшедро бештари муаррихон ба миёнаи ҳазораи IV то мелод медонанд. Бо назардошти ин, тавре дар ибтидо низ зикр кардем, ҷашни Наврӯзи мо таърихи беш аз 6 ҳазор сола дорад.

Ҳаким Умари Хайём дар идомаи қиссаҳои хеш вобаста ба пайдоиши Наврӯз ҷои дигар чунин менависад: «Чун Гаюмарт пас аз ҳазор соли подшоҳӣ аз дунё бирафт, Ҳушанг ба ҷойи ӯ нишаст ва нуҳсаду ҳафтод сол подшоҳӣ кард…ва пас аз ӯ Таҳмурас биншаст ва сӣ сол подшоҳӣ кард. Ва пас ӯ подшоҳӣ ба бародараш Ҷамшед расид ва аз ин таърих ҳазору чиҳил сол гузашт, ин давр тамом шуда буд ва Офтоб ба фарвардини хеш ба аввали ҳамал омад ва ҷаҳон бар вай рост гашт… Пас дар ин рӯзе, ки ёд кардем ҷашн сохт ва Наврӯзаш ном ниҳод ва мардумонро фармуд, ки ҳар сол чун фарвардин нав шавад, он рӯз ҷашн кунанд…».

Донишманди асримиёнагии тоҷику форс Ибни Балхӣ дар «Форснома»-и хеш ҳамин андешаро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад: «… Ҷамшед дар хутбаи худ Худоро ситоиш карда, чунин фармуд: «Худованд баҳои мо тамом гардонид ва таъйид арзонӣ дошт ва дар муқобалаи ин неъматҳо бар хештан воҷиб гардонидем, ки риояи адл ва некӯӣ фармоем». Чун ин суханон бигуфт ҳамагон ӯро дуъои хайр гуфтанд ва шодиҳо карданд ва он рӯзро ҷашн сохт ва Наврӯз ном ниҳод ва аз он сол боз Наврӯз ойин шуд».

Муаррихи намоёни аҳди Сомониён Ҷарири Табарӣ дар «Таърих-у-р-русул ва-л-мулук» вобасата ба масъалаи мазкур чунин навиштааст: «Ҷамшед бифармуд, то чархе аз обгина барои ӯ бисозанд ва шаётинро дар он ҷой дод ва бар он нишаст ва дар ҳаво аз шаҳри хеш аз Данбованд (Дамованд) то Бобул ба як рӯз рафт ва он рӯз ҳурмузрӯзи фарвардинмоҳ буд ва мардум аз ин шигифтӣ, ки диданд Наврӯз гирифтанд. Ва бигуфт, то ин рӯз ва панҷ рӯзи дунболи онро ид гиранд ва шодӣ ва хушӣ кунанд ва ба рӯзи шашум, ки мурдодрӯз буд, зимни мактубе ба мардум хабар дод, ки чун Худованд равиши вайро дар подшоҳӣ писандида, подоши вай ин шуда, ки мардум аз гармо ва сармо ва беморӣ ва пирӣ ва ҳасад барканор шудаанд ва мардум аз паси сесаду шонздаҳ сол, ки аз подшоҳии вай гузашта буд ба сар карданд, ки аз ин балиёт ба дур буданд…Гӯяд, ҳама маликии Ҷам аз оғози шоҳӣ то вақте, ки кушта шуд, ҳафсаду нуздаҳ сол буд».

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ низ бунёдгузори ҷашни Наврӯз будани шоҳ Ҷамшедро ҷонибдорӣ мекунад. Инро мо дар намунаи зер мушоҳида карда метавонем:

**Сари соли нав ҳурмузи фарвардин,**
**Баросуда аз ранҷ тан зи кин.**
**Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,**
**Мар он рӯзро наврӯз хонданд.**
**Бузургон ба шодӣ биёростанд,**
**Майю ҷому ромишгарон хостанд.**
**Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,**
**Бимондаст аз он хусравон ёдгор.**

Дар «Фарҳанги Деххудо» ҳам зикр мешавад: «Ҷамшед, ки сайри олам мекард, чун ба Озарбойҷон расид, фармуд, тахти гавҳарнишине ба ҷои баланде рӯ ба ҷониби Ховар гузоранд. Ва худ тоҷи гавҳарнишине бар сар ниҳода, бар он тахт бинишаст. Ҳамин ки офтоб рух намуд ва партаваш бар он тоҷу тахт афтод, фурӯғе дар ниҳояти рӯшноӣ падид омад, мардумон аз он шод шуданду гуфтанд: “Ин рӯзи нав аст!” Ва чун ба забони паҳлавӣ шуоъро “шед” мегӯянд, ӯро Ҷамшед хонданд ва ҷашни азим карданд ва аз он ин расм (Наврӯз) пайдо шуд».

Истилоҳи “Ҷам” дар «Авесто» чанд сифат дорад: яке хшаета (дар форсӣ шед) ба маънии шоҳвор ё дурахшон, рӯшноӣ ва дигаре хваредареса ба маънии некдидор ва дигар хватра, ки дар паҳлавӣ хварамак ва дар форсӣ хубрама шудааст. Ба ҳар сурат маънии мусбиро медиҳад, ки дар маҷмӯъ аз сиёсати созандаи вай гувоҳӣ медиҳад.

Мӯсо ибни Исо Ал-Кисравӣ яке аз дигар олимони асримиёнагӣ доир ба ободониҳои анҷомдодаи Ҷамшед ва таҷлили ҷашни Наврӯз аз ҷониби ӯ маълумотҳои аҷибе манзури хонанда мегардонад. Гуфтаҳои ӯро донишманди рус К.А. Иностранцев бо такя ба асари «Китоб-ал-маҳосин ул-адад» (муаллифаш номаълум) чунин нишон медиҳад: «Кисравӣ мегӯяд: Якум шахсе, ки Наврӯзро ҷашн гирифт, дараҷаҳои мулкҳои тобеъро муайян намуд, рамзҳои ҳокимияти давлатиро муайян кард, ба истихроҷи тиллову нуқра ва дигар фулузот машғул шуд, аз оҳан олот сохт, аспро ром намуд, гавҳарро дарёфт намуд, сирри атриётро кашф намуд, низоми обёриро ба вуҷуд овард Ҷамшед, писари Виванҷон, яъне ҳимоятгари олам... ба шумор меравад».

Дарёфти бархе аз донишмандон, ки Наврӯзро анҷоми офариниш ва оғози зиндагии инсонӣ медоданд ба ин нигоштаҳо мувофиқ меояд. Бо ин далел, ки вақто ҳама шароит барои зиндагии инсонҳо муҳайё гардид, пасон бо нишот ба зиндагии инсонӣ (ба маънои томаш) шуруъ намуданд. Ин нишот дар мисоли бунёди Наврӯз ифода меёбад. Ва таҳлили маънои истилоҳи Наврӯз низ ҳамин маъноро бори дигар собит мекунад.

Шоҳ Ҷамшед бо караму хулқи инсондӯстонаи хеш ба мардумон суханони хуб орзу кард ва хайроту ниёиш намуд. То имрӯз, ки чунин амалҳои зебо ба рукнҳои ҷашни Наврӯз табдил ёфтааст аз аҳди ӯ сарчашма мегиранд. Барои исботи ин андеша боз руҷуъ мекунем ба «Форснома»-и Ибни Балхӣ: «Ва Ҷамшед гуфт: Ба нияти оят, ки эзиди таоло шаъну баҳои мо тамом гардонид ва ёрӣ арзонӣ дошт ва дар муқобилаи ин неъматҳо бар хештан воҷиб гардонидем, ки бо мардум адл ва некӯӣ фармоем. Чун ин суханон бигуфт, ҳамагон ӯро дуои хайр гуфтанд ва шодиҳо карданд ва он рӯз ҷашн сохт ва Наврӯз ном ниҳод ва он сол Наврӯз расм шуд ва он рӯзи Ҳурмуз аз моҳи фарвардин буд ва дар он рӯз бисёр хайрот фармуд ва як ҳафта пай дар пай ба нишоту хуррамӣ машғул буданд ва баъд аз он як шабонарӯз дар ибодатгоҳ рафт ва яздонро парастиш ва шукр гузорид ва зорӣ намуд ва ҳоҷат хост, ки дар рӯзгори ӯ ҳама офат аз қаҳтӣ ва вабо ва бемориҳо ва ранҷҳо аз ҷаҳон бардорад».

Ба ҳамин маъно зиёд донишмандони дигар низ ишораҳо доранд, ки мо наметавонем дар ҳаҷми як мақола ҳамаи онҳоро ба риштаи таҳлил бикашем. Танҳо бардошт ин аст, ки бештари сарчашмаҳо ҳамчун бунёдгузори ин ҷашн Ҷамшедро медонанд. Ба ҳар сурат, ба гумони яқин чун Каёмард (дар Авесто Гайамаретан ва дар паҳлавӣ Гайумард, ба маънии «зиндаи миро» ё «ҷони нестипазир» ва дар форсӣ ба таҳриф Каюмарс ва дарвоқеъ «Гайумарт») нахуст инсон дониста мешуду ҳоло маърифати инсонӣ то он ҳадде набуд, ки чунин ҳикматҳои табиатро дарёбанду гиромӣ доранд ва ҷашн ороянд, намешавад бунёдгузори Наврӯз номид.

**Дар илми таърихнигории мо зарур аст, ки ба аҳди Пешдодиёну Каёниён ва махсусан ба замони подшоҳии шоҳони пешдодӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад. Замоне, ки Наврӯзи мо аслият дорад, пас месазад, ки атрофи корномаи шоҳони Пешдодию Каёнӣ, аз ҷумла шоҳ Ҷамшед тадқиқотҳои ҷиддӣ сурат бигиранд, ки ин амал аз ҳар нигоҳ ба суди миллат ва давлати миллии мост. Ишораҳое, ки дар сарчашмаҳои болозикр ва даҳҳо маъхазҳои дигар аз рӯзгори Ҷамшед ва аҳди ӯ, бозгӯикунандаи он аст, ки ҷадди мо ҳанӯз дар саргаҳи таърих ба андешаҳои дунявиятгароӣ бештар арҷ мегузоштем ва эътиқодотро барои шинохти худ ва дунё чун васила истифода мебурдем. Бунёди Наврӯз бо тамоми ҳикматҳояш собитгари ҳамин андешаҳои мост.**

Имрӯз, ки дар фазои давлатдории миллӣ халқи тоҷик ҳаёт ба сар мебарад, зарур аст решаҳои аслии хешро бишносад. Ибтикори пай дар пайи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва муаррифии арзишҳои таърихию фарҳангии миллат ба ҳамин хотир аст. Аз ин рӯ, моро мебояд дар атрофи ин сиёсат муттаҳид шуда, ба наслҳои оянда ва ба ҷаҳониён бори дигар собит кунем, ки мо аз табори Хуршеду нур ҳастем ва дар бағал ба мисли Наврӯз ҷашнҳое дорем, ки ҳамбастагию ваҳдатро дар иртибот ба табиат таблиғ мекунанд.

РӮЗИ МОДАР

# ТАҶЛИЛИ БОШУКУҲИ РӮЗИ МОДАР ДАР ДОНИШГОҲ

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки аҳли раёсат, омӯзгорону кормандон ва меҳмонон бахшида ба "Рӯзи Модар" чорабинии бошукуҳ баргузор гардид.**



Ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода дар сухани ифтитоҳии хеш ҳамаи занон ва модаронро ба муносибати "Рӯзи Модар" табрик гуфта, барояшон саломатӣ, хушбахтӣ ва рӯзгори босаодат орзу намуд.

Дар доираи барномаи фарҳангии аз ҷониби мардони Донишгоҳ омода гардида, суханҳои марбут ба мақому манзалат ва ситоиши зан-модар садо дода, вобаста ба ҳаёти занон дар муассиса саҳначаҳои ҳаҷвӣ пешкаш карда шуд, ки писанди аҳли толор гардид.

Суруду таронаҳои аҳли ҳунару фарҳанги Донишгоҳ ва сарояндагони шинохтаи кишвар ба чорабинӣ шукуҳи тоза бахшид.

ҚАДРДОНӢ

## ФАЪОЛИЯТИ ПУРСАМАР ҚАДРДОНӢ МЕГАРДАД

**Фаъолияти пурсамар ва содиқона ҳамеша шоистаи қадрдонӣ буда, заҳмати созанда ва бунёдкоронае, ки ба ободии Донишгоҳ ва ба ин васила баҳри пешрафти Ватани маҳбубамон равона шудааст, ҳамеша қадрдонӣ мегардад.**

Дар ин замина, имрӯз аз ҷониби ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода ба як қатор кормандону омӯзгороне, ки дорои фаъолияти пурсамар ва содиқона мебошанд "Сипоснома" ва мукофотҳои пулӣ тақдим карда шуд.





АКСИЯИ ДОНИШГОҲӢ

## "БА ФАРҲАНГИ МИЛЛАТИ ХУД АРҶ МЕГУЗОРЕМУ ТОҶИКОНА МЕПӮШЕМ!"



**Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба Садриддин Айнӣ бо мақсади арҷгузорӣ ба анъанаҳои миллӣ, эҳсоси ватандӯстиву худшиносии миллӣ, тарбия намудани донишҷӯдухтарон, инчунин баланд бардоштани ҳисси зебоипарастии занону духтарон ва ба ин васила тарғиби либосҳои миллӣ, ҳамчунин дурӣ аз фарҳангӣ бегона имрӯз бо иштироки донишҷӯдухтарони Донишгоҳ ҷиҳати муарраифии либоси атлас, адрас, чакан, алоча ва дигар либосҳои миллӣ аксияи тарғиботӣ таҳти ин унвони "Ба фарҳанги миллати худ арҷ мегузорему тоҷикона мепӯшем" роҳандозӣ гардид.**

Дар раванди ин аксия, донишҷӯдухтарон бо либосҳои миллӣ дар гирду атроф ва саҳни Донишгоҳ, Майдони "Истиқлол" ва Маҷмааи меъмории рамзи "Истиқлол"-и шаҳри Душанбе ба сайру гашт намуда, барои шаҳрвандон ва меҳмонони пойтахт либосҳои миллии тоҷикон ва фарҳанги пурғановати миллатро муаррифӣ намуданд.

**АНДЕША**

# НАВРӮЗ КИТОБИ САРНАВИШТИ МОСТ

**Баромад боди субҳу**
**бӯи наврӯз,**
**Ба номи дӯстону**
**бахти пирӯз,**
**Муборак бодат ин солу**
**ҳама сол,**
**Ҳумоюн бодат ин рӯзу**
**ҳама рӯз.**

Наврӯз оғози сол, оғози зиндагии тоза, оғози умеду орзуҳо ва бахту саодат буда, ба хонадони ҳар кадоми мо чун пайки шодиву нишот ва эҳёи табиат қадам ниҳода, кулбаву кошонаи моро нуру зиё мебахшад, дар вуҷуди мо поктарин эҳсосот ва волотарин умеду орзуҳоро бедор месозад. Бузургонамон фармудаанд:

**Наврӯз ҷавон кард ба дил**
**пиру ҷавонро,**
**Айёми ҷавонист заминрову**
**замонро,**
**Ҳар сол дар ин фасл барорад**
**фалак аз хок,**
**Чун табъи ҷавонони ҷаҳон**
**дӯст ҷаҳонро.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: “Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва хуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд. Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобнок ва нишонии ҷовидонаи халқи тоҷик ҳамеша нигоҳдорандаи марзу бум, забон, расму оин, фарҳангу таърих ва ниҳоят Ватан будааст”.

Ҷашни Наврӯз барои ниёгони некандеши мо ба ҳайси иди сари сол, рӯзи оғози ҳастӣ, бедории табиат, гарм шудани нурҳои офтоби оламтоб, пирӯзии некӣ бар бадӣ, нур бар зулмот, ваҳдати инсону табиат ва замину осмон муқаддас нигоҳ дошта мешуд. Аксар маъхазҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ оғози таҷлили Наврӯзро ба рӯзи нишастани шоҳ Ҷамшед ба тахт низ нисбат додаанд. Устод Абулқосим Фирдавсӣ навиштааст:



Раҷабзода Сироҷиддин Икром – доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ



**Ба Ҷамшед бар гавҳар**
**афшонданд,**
**Мар он рӯзро «рӯзи нав»**
**хонданд.**
**Чунин рӯзи фаррух аз он**
**рӯзгор,**
**Бимонда аз он Хусравон**
**ёдгор.**

Чун мазмуну моҳияти Наврӯз покиву озодагӣ аст, домони таҷлили он сол аз сол паҳн мегашт ва ҳатто мардумони мазҳабу миллатҳои гуногун онро нек пазируфтанд. Ҳазорсолаҳо қабл, Наврӯз на танҳо дар Тоҷикистону Эрону Афғонистон, балки дар Озарбойҷону Ироқу Ҳиндустон, Чину Миср ва қисмате аз Аврупо таҷлил гашта, нақши худро дар болобурди таърихи фарҳанги башарият гузоштааст. Наврӯз рамзи барҷастаи халқи мо дар фарҳанги башарӣ буда, оид ба моҳият ва аҳмияти он бузургони илму адаб чун Рӯдакию Фирдавсӣ, Синову Хайём, Абурайҳони Беруниву Ибни Балхӣ, Аттору Бедил ва садҳои дигар асарҳои пурқимату ҷолиб офаридаанд.



Шайх Аттори Нишопурӣ фармуда:

**Ҷаҳон аз боди наврӯзӣ**
**ҷавон шуд,**
**Зиҳӣ зебо, ки ин соат**
**ҷаҳон шуд.**
**Шамоли субҳдам**
**мушкиннафас гашт,**
**Сабои гарми ӯ анбарфишон**
**шуд.**

Дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём омадааст: «Ҳар кӣ рӯзи наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр бар шодӣ ва хуррамӣ гузорад».

Дар аҳди бостон иди Наврӯз на камтар аз 4 рӯз ҷашн гирифта мешуд ва чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ бо як мароми хоса ва дар фазои дӯстиву якдилӣ баргузор мегаштанд. Дар рӯзҳои таҷлили ин ид ҳама гуна хӯрокиҳо аз гулу гиёҳҳои баҳорӣ тайёр мешуданд. Дастархони идона бо як маҳорати хос, бо як фарҳанги баланди дастархондорӣ оро дода мешуд. Хоса, нуқлу неъматҳое, ки оғози калимаҳои он бо ҳарфҳои “Шин” ва “Син” сар мешуданд, ба мисли: шаҳд, шир, шакар, шароб, шамъ, шоя, шамшод, ё ин ки себ, сипанд, сир, сирко, санҷид, сабзӣ, суманак рӯи хони наврӯзро оро медоданд, аз дастархондорӣ ва табъу завқи баланди ниёгони мо дарак медиҳанд.

Тоза намудани хонаву дар, аёдати беморон ва пирону ятимон, ривоҷи корҳои ободониву кабудизоркунӣ, аз ҷумла шинонидани гулу дарахтони мевадеҳу сояафкан аз рукнҳои муҳими ин ид ҳисоб меёбад, ки дар ин рӯзгори босаодати мо оммавӣ гаштаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷаҳонишавии Наврӯз саҳми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле зиёд аст. Маҳз бо заҳмату талошу иқдомҳои ин фарзанди фарзонаву ҷонфидои миллат 23 – феврали соли 2010 дар иҷлосияи 64-уми Ассамблеяи Генералии Созмони миллали Муттаҳид тахти унвони “Фарҳанги ҷаҳон” ба Наврӯзи тоҷикон ва қавмҳои ориёӣ расман мақоми байналмилалӣ дода шуд.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ҷашни Наврӯз ба иди ҳақиқии созандагиву бунёдкорӣ табдил ёфтааст. Дар арафаи ин иди бедории миллӣ – Наврӯзи бостонӣ модарони азизи мо суманак мемонанд, дар рӯзи ид суманакпазиҳои модарон, гулгардонии кӯдакон, ҷуфтронии деҳқонон, рақсу бозии гулдухтарон дар гирди оташи фурӯзон, байтбараку сурудхониҳои мутрибон касро ба дуриҳои дур бурда, ба рӯҳу ҷони кас ҳаловат мебахшад.

БОЗДИДИ ВАЗИР

# БОЗДИДИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМ АЗ ДОНИШГОҲ

**Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташриф оварда, аз иштироки донишҷӯён дар дарсҳо дидан намуданд.**

Ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода аз вазъи иштирок ва таҳсили донишҷӯён дар муассиса маълумот манзур намуда, вазири маориф ва илми кишвар бевосита аз раванди дарсҳо ва ҳузури донишҷӯён дар синфхонаҳо дидан намуданд.

Мухтарам вазир аз иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар дарсҳо изҳори хушҳолӣ намуда, таъкид карданд, ки иштироки донишҷӯёни ҳамаи риштаҳои таҳсил (рӯзона ва фосилавӣ-ғоибона) дар дарсҳо ҳатмӣ мебошад.



НАВРӮЗ-2025

# ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ НАВРӮЗ ДАР ДОНИШГОҲ

**Имрӯз, 18 марти соли 2025 дар саҳни бинои асосии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Наврӯзи байналмилалӣ бо як шукӯҳи махсус таҷлил карда шуд.**



Дар чорабинӣ намояндагони корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон: Амрико, Фаронса, Олмон, Ҳиндустон, Ӯзбекистон, Чин, Корея, ректорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишкадаи исломии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Маркази барномаҳои байналмилалӣ, аҳли раёсат, кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳ иштирок намуданд.

Нахуст меҳмонон аз хонҳои наврӯзии ороста намудаи раёсатҳо ва 14 факултети Донишгоҳ дидан намуда, бо ойин ва анъанаҳои ин ҷашни қадима аз наздик ошно гардиданд.



Ҷорабинии идонаро ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода ифтитоҳ намуда, баён намуданд, ки Наврӯз нишони сарсабзӣ ва растахези табиат буда, дар таърихи фарҳанги мардуми ориёӣ ҳеҷ як анъана ва расму оине чун ин ҷашни хуҷастапай ва фархунда азизу арҷманд нест. Ин иди аҷдодӣ насли имрӯзро бо расму оин, арзишҳои ахлоқӣ, меҳру муҳаббат ва анъанаҳои неки ниёгон мепайвандад.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ, ки пурра аз ҷониби кормандону омӯзгорони Донишгоҳ омода гардида буд, аз эҷодиёти адибони тоҷик дар васфи Наврӯзу Тоҷикистон шеърҳои рангин қироат шуда, дастаи ҳунарии "Чехранамо" бо таҳияи барномаи рангини фарҳангии иборат аз сурудҳои дилписанд ба қалби иштирокдорони ин чорабинӣ фараҳу шодӣ бахшид.

ҚАДРДОНӢ

## ҚАДРДОНИИ ОМӮЗГОРОНУ КОРМАНДОНИ ДОНИШГОҲ

**Дар рӯзи таҷлили ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ як қатор омӯзгорону кормандони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои фаъолияти пурсамар ва дастовардҳои илмӣ қадрдонӣ гардиданд.**



КОНФЕРЕНСИЯ ВА ФЕСТИВАЛ

## “ТАҒЙИРЁБИИ ГЛОБАЛИИ ИҚЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҲОЛАТИ КУНУНИИ ПИРЯХҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028 дар мавзуи “Тағйирёбии глобалии иқлим ва таъсири он ба ҳолати кунунии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.**



Дар бахши ифтитоҳии конференсия муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин суханронӣ ва Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович – д.и.г., профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи “Пиряхҳои набзонии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирии хатари онҳо”, Муртазаев Уктам Исматович – д.и.г., профессори Донишгоҳ дар мавзӯи “Влияние изменения климата на водные ресурсы Таджикистана и меры адаптации”, Эркаева Нигора Сафаровна – доктори илмҳои фалсафа, профессори Донишгоҳи Мичигани Шарқӣ (ш. Урсиланти, иёлоти Мичиган, ИМА) дар мавзуи “Ҳалли масоили глобалии об, ҳифзи пиряхҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва нақши Пешвои миллат”, Маҷидов О. – н.и.т. мудири шуъбаи география ва зондикунонии фосилавии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи “Ҳолати ҳозираи пиряхҳои кӯҳи Дукдон (қисми шимолии қаторкӯҳи Ҳисор)” маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд.

Сипас конференсия дар ду бахш бо фарогирии 40 маърӯзаҳои марбут ба “Тағйирёбии глобалии иқлим ва таъсири он ба ҳолати кунунии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” идома намуд.

## ИШТИРОКИ ФАЪОЛОНАИ ДОНИШГОҲ ДАР ФЕСТИВАЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ "НАВРӮЗ - МЕРОСИ ФАРҲАНГИЮ ҶАҲОНГАРДӢ"



**Рӯзи 22 март дар «Боғи Ирам»-и шаҳри Душанбе Фестивали байналмилалии «Наврӯз - мероси фарҳангию ҷаҳонгардӣ» баргузор гардид, ки дар он аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ зиёда аз 300 нафар аз ҷумла аҳли раёсат, кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯён фаъолона иштирок намуданд.**

Дар доираи фестивал аз ҷониби намояндагони Донишгоҳ намоиши ҳунарҳои мардумӣ, оину анъанаҳои наврӯзӣ, пухтани таомҳои наврӯзӣ ва либоси миллӣ доир шуд.

Инчунин аз ҷониби ҳунармандони ансамбли "Чеҳранамо"-и Донишгоҳ суруду таронаи фараҳбахш садо дода шуд, ки боиси болидахотирии меҳмонону иштирокчиён гардид.

Бояд зикр намуд, ки фестивали мазкур соли ҳафтум аст, ки бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз гузаронида шуда, мақсади он муаррифии имконияти сайёҳӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон ба сайёҳон мебошад.

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАРЗӢ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН ҲАМЧУН ОҒОЗИ ДАВРАИ НАВИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБА

**Соли 2025 дар таърихи муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон як давраи таҳаввул гашт. Анҷоми делимитатсия ва аломатгузории сарҳад барои ҳамкории ду кишвари ҳамсояи бародар дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисод ва амният уфуқҳои нав кушод. Ҳалли баҳсҳои сарҳадӣ имкон медиҳад, ки ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ, ба монанди сохтмони роҳҳо ва иншооти энергетикӣ диққат дода шавад, ки дар навбати худ ба рушди иқтисодии ҳарду кишвар мусоидат хоҳад кард. Гузашта аз ин, таҳкими эътимод миёни Тоҷикистону Қирғизистон омили муҳими субот дар Осиёи Марказӣ гашта, дар асоси он талошҳои муштарак барои мубориза бо ҷинояткории фаромарзӣ ва ифротгарой амнияти минтақа виро тақвият хоҳанд дод.**

Дар маҷмуъ, ҳалли масъалаҳои марзӣ барои шарикии дарозмуддат ва мутақобилан судманди Тоҷикистону Қирғизистон заминаи қавӣ фароҳам оварда, дар рушди муносибатҳои дуҷониба барои солҳои оянда давраи нав мекушояд. Дар ин ҷо иродаи неки Сарварони ду кишвар дар ҳалли ин мушкилии хеле мураккаб нақши асосӣ бозид, ки дарозмуҳлатии ҳалли мазкурро таъмин мекунад, зеро он бо омилҳои зерин тасдиқ карда мешавад: аввал, қарор аз ҷониби ҳарду ҷониб тасдиқ карда шудааст ва созишномаҳои бадастомада дар ҳуҷҷатҳои ҳатмии ҳуқуқӣ, ки дар сатҳи олӣ мувофиқа шудаанд, муқаррар карда шудаанд; дуюм, ҷомеаи ҳарду кишвар ин қарорро барои ҳарду ҷониб одилона ва муфид қабул карданд; сеюм, қарор бо дарназардошти инфрасохтор, захираҳои инсонӣ ва воқеияти иқтисодии ҳарду кишвар амалан татбиқшаванда аст.

Дар баробари ин, минбаъд ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ дар Тоҷикистон ва Қирғизистонро тадбирҳои эътимод ва ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодӣ, ки дар он имкониятҳои нав барои тиҷорат, сармоягузорӣ ва гузаргоҳҳои транзитӣ кушода мешаванд, ҳамроҳӣ мекунанд. Рушди лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ метавонад ҳамбастагӣ бо ҳам ва эътимодро тақвият диҳад. Он инчунин барои рушди табодули фарҳангӣ ва башардӯстона муҳим аст: ташвиқи табодули фарҳангӣ, сафарҳои сайёҳӣ ва барномаҳои таълимӣ метавонад ба фаҳмиши беҳтар ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо мусоидат кунад.

Дар маҷмуъ, ҳалли масъалаҳои марзӣ дар соли 2025 миёни Тоҷикистону Қирғизистон аллакай оғози давраи нави муносибатҳои байниҳамдигарӣ гардид. Аммо, ин муносибатҳо худ аз худ тағйир намеёбанд, барои



Рухшона Қурбонзода – муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

ин кори фаъоли ҳар яки мо дар ҳарду кишвар зарур аст, ки ба таҳкими минбаъдаи фазои эътимод, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни ду халқи дӯсту бародар равона карда шавад.

# ДРУЖБА МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ, КЫРГЫЗСТАНОМ И УЗБЕКИСТАНОМ – ЗАЛОГ МИРНОЙ ЖИЗНИ В РЕГИОНЕ



Кенджазод Фаридун – Главный редактор издания «Омузгори джавон» ТГПУ им. С. Айни

**Дружба и сотрудничество между Таджикистаном, Кыргызстаном и Узбекистаном имеют решающее значение для обеспечения стабильности и безопасности в Центральной Азии. Традиционно эти страны имеют много общего — как в культуре, так и в экономике. Их взаимодействие играет важную роль в укреплении безопасности региона, экономическом росте и культурном обмене.**

Сотрудничество в области экономики является одним из важнейших факторов, способствующих миру и стабильности между этими тремя странами. В последние годы наблюдается значительный рост товарооборота. Например, только в 2021 году объем торговли между Узбекистаном и Кыргызстаном увеличился на 50%, что стало следствием улучшения политических отношений и упрощения процедур торговли.

Таджикистан обладает большими ресурсами гидроэнергии благодаря своим рекам. Это создает возможности для электроэкспорта в соседние страны, включая Узбекистан и Киргизию. Взаимовыгодное сотрудничество в этом секторе не только способствует электоэнергообмену, но и снижает напряженность в вопросах энергетической безопасности. Страны также работают над совместными проектами в области сельского хозяйства и инфраструктуры, что улучшает экономическую ситуацию в каждом из них. Например, совместные проекты в области водоснабжения и энергетики могут стать основой для экономической стабильности.

Надо отметить что согласованные усилия в сфере безопасности, включая борьбу с терроризмом и экстремизмом, могут значительно повысить уровень безопасности во всех трех странах. Совместные учения, обмен информацией и стратегическое партнерство помогут уменьшить угрозы и обеспечить мир в регионе.

Конечно страны могут объединить свои усилия для решения общих вызовов, таких как изменение климата, управление водными ресурсами и борьба с наркотиками. Совместные инициативы в этих сферах помогают создать условия для плодотворного сотрудничества и реализации эффективных решений.

Образование — это еще один ключевой фактор, который способствует укреплению дружбы между Таджикистаном, Кыргызстаном и Узбекистаном. Все три страны сотрудничают в области образовательных программ, что позволяет студентам и преподавателям обмениваться опытом. Например, существует множество программ обмена, и многие узбекские учащиеся обучаются в таджикских вузах и наоборот. А также Таджикистан и Узбекистан имеют программы обмена для студентов.

Кроме того, в ответ на необходимость укрепления взаимопонимания, планируется организация краткосрочных курсов по изучению языков и культур стран Центральной Азии. Это, в свою очередь, позволяет создавать общее образовательное пространство, способствующее мирному сосуществованию.

Культура этих трех стран представляет собой синтез древних традиций и современных тенденций. Совместные культурные мероприятия — такие как музыкальные фестивали, выставки и конференции становятся платформой для обмена идеями и культурными ценностями. Организация совместных фестивалей искусств помогает укрепить связи и продемонстрировать богатое культурное наследие региона. А культурные обмены, совместные фестивалей и образовательные программы помогают улучшить взаимопонимание и сотрудничество. Это создает атмосферу доверия, что также сказывается на уровне безопасности.

Общие традиции, такие как празднование Навруза, сближают народы этих стран, поддерживая атмосферу дружбы и взаимопонимания. Кинематограф также становится важной частью культурного обмена: совместные фильмы и проекты помогают артистам продвигать свои идеи и вдохновение.

Таким образом, дружба между Таджикистаном, Кыргызстаном и Узбекистаном является важным фактором мирной жизни в Центральной Азии. Экономическое сотрудничество, обмен в области образования и культура создают прочный фундамент для укрепления мирных и дружеских отношений. В условиях глобальных вызовов, таких как климатические изменения и экономическая нестабильность, эти страны имеют возможность работать вместе на благо своих народов и всего региона. Сферы, такие как экономика, политика и культура, могут служить основой для продвижения общей цели - мира и взаимопонимания. Сосредотачиваясь на сотрудничестве, они могут обеспечить стабильное и безопасное будущее для будущих поколений.

*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад.*

КОНФЕРЕНСИЯ

# «ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ТАҲЛИЛИ ФИЗИКО-ХИМИЯВӢ»

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар, солҳои 2022-2026 – «Солҳои рушди саноат» ва гиромидошти хотири Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор Лутфулло Солиев дар мавзӯи «Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ» конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ баргузор гардид.**



Дар кори конференсия намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, устодону донишҷӯён иштирок ва суханронӣ намуданд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро дар суханронии муқаддимавии худ дарҷ намуданд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намудааст. Дар ин замина устод Л.Солиев, ки донишманди сермаҳсулу серкоре буданд ба тарбияи кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ таваҷҷуҳи зиёд намуда, шогирдони ӯ имрӯз бахри амалӣ намудани ин ҳадафи стратегии кишвар заҳмат кашида истодаанд.

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар навбати хеш баён намуданд, ки осори бамеросмонда ва шогирдони тарбиякардаи устод Л.Солиев ифодагари он аст, номаш дар сафҳаи таърих ба таври ҳамешагӣ ҷовидона мемонад.

Сипас, дигар иштирокчиёни конференсия дар мавзуъҳои худ баромад намуда, дар охир миёни баромадкунандагон, олимон, мутахассисон ва иштирокчиёни конференсия дар мавзуи «Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ» муҳокима ва табодули афкор сурат гирифт.

Конференсия дар 4 бахш идома намуда, беш аз 70 мақолаи илмӣ бахри чопи маводи он пешниҳод гардид.



ДАСТОВАРД

# ДОНИШГОҲ ДАР РЕЙТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МИЁНИ 422 МУАССИСАИ ОЛӢ ҶОЙИ 8-УМРО ИШҒОЛ НАМУД



HE Higher Education Ranking

March 20th 2025 Certificate ID: R2025-cer08

Certificate of Ranking

This certificate is awarded to

[Tajik State Pedagogical University Named After S. Ayni]

For being ranked (8th) in HE Higher Education Ranking, 2025 edition.

We acknowledge the outstanding commitment and excellence demonstrated by your university in maintaining a high standard of education and research, and for contributing towards the advancement of knowledge and innovation.

The ranking is accessible via the following link:

https://ranking.heranking.com/2025/tgpu.tj

Director of HE Higher Education Ranking

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар фазои ҷаҳонишавии таҳсилот пайваста бо шарикони хориҷӣ дар робита буда, барои рушди маорифи кишвар ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалиро муҳим меҳисобад.**

Дар ин замина Муассисаи “Радабандии муассисаҳои олӣ” (HE Higher Education Ranking)-и Шурои сифат ва арзёбии таҳсилоти олӣ “HEQAC”, ки қароргоҳаш дар Ҷумҳурии Туркия мебошад, пас аз санҷишу таҳлилҳои самтҳои мухталифи фаъолияти 422 муассисаи олии 55 кишвари ҷаҳон “Радабандии муассисаҳои олӣ”-и ҷаҳонро дар соли 2025 интишор намуд. Аз ҷумла, дар ин радабандӣ аз Тоҷикистон 3 муассисаи олии кишвар: Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров дар зинаи 184 ва Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар зинаи 329 ҷой гирифтанд.

Хушбахтона, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ миёни муассисаҳои олии ҷаҳон бо гирифтани 8136 хол дар ин радабандӣ ҷойи 8-умро сазовор гардида, бо ин тартиб аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи аввалро соҳиб шуд.

Дар таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст аст, ки яке аз донишгоҳҳои кишвар соҳиби ин қадар холи баланд гардида, ба даҳгонаи беҳтарини ин радабандӣ ворид шуд.

Бояд зикр намуд, ки баҳодиҳии радабандӣ аз рӯи 25 самти фаъолияти донишгоҳ аз ҷумла сифати таълим, ҳамкориҳои байналмилалӣ, иқтидори илмӣ, идоракунӣ, устуворӣ, масъулияти иҷтимоӣ, навоварӣ, аккредитатсияи байналмилалӣ, табодули академии донишҷӯёну устодон, иҷрои нақшаи қабули довталабон, фаъолият дар шабакаҳои иҷтимоӣ, фазои мусоид барои анҷоми корҳои илмӣ, омӯзиши таълими забонҳои хориҷӣ, дастрасӣ ба таҳсили ройгон: квотаи президентӣ, маъюбон, духтарон санҷида шуда, ҳар як меъёр бо холҳои муайян баҳо дода шудааст.

Дар ин радабандӣ муассисаҳои олии Британияи Кабир, Италия, Шветсария, Австрия, Венгрия, Чехия, Олмон, Сербия, Туркия, Канада, Арабистони Саудӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Тайланд, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҳиндустон, Озорбойҷон, Покистон, Бразилия, Миср, Баҳрайн, Африкои Ҷанубӣ, кишварҳои Осиёи Миёна ва дигар давлатҳо ворид шудаанд.

БОЗДИД



# БОЗДИДИ ИШТИРОКЧИЁНИ КОНФРОНС АЗ ОСОРХОНАИ ДОНИШГОҲ

**Имрӯз меҳмонон ва иштирокчиёни конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико-химиявӣ», ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид, аз осорхонаи он дидан намуданд.**

Зимни боздид аз ҷониби роҳбалад сайри осорхонавӣ гузаронида шуда, ба ин восита меҳмонон бо толору гӯшаҳои осорхона аз ҷумла бо таърихи фарҳанги пурғановати миллати тоҷик, табиати зебои Тоҷикистон, дирӯзу имрӯзи фаъолияти нахустмактаби олии кишвар ва саҳми он дар омода кардани мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ шинос гардиданд.

ОЗМУН ВА ҲАМОИШ

## БАРГУЗОРИИ ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ"



**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 12 то 15.03.2025 даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" баргузор гардид, ки дар он аз 14 факултет зиёда аз 60 нафар иштирок намуданд.**

Бояд ёдовар шуд, ки ғолибони даври муассисавии озмуни мазкур ба даври минбаъдаи озмун роҳхат мегиранд.

## «ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА МУТОБИҚШАВИИ ҲАЙВОНОТ ВА НАБОТОТ БА МУҲИТИ ЗИСТ»

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» таҳти унвони «Тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавии ҳайвонот ва наботот ба муҳити зист» конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.**




Дар кори конференсия олимону мутахассисон аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Аз ҷумла баромадкунандагон Сатторов Т. – д.и.б., профессори кафедраи зоологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи «Проблемы антропогенной трансформации и охраны герпетофауны Таджикистана», Раҳимов С. – д.и.б., профессори кафедраи ботаникаи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Биологияи намуди нестшудаистодаи камоли тоҷикон дар Тоҷикистони ҷанубӣ», Мирзоев Н. – н.и.б., дотсент мудири кафедраи зоологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Баъзе натиҷаҳои омӯзиши ихтиофаунаи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони ҷанубу ғарбӣ», Давлатзода А. – н.и.б., ходими калони илмии Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловский, АМИТ дар мавзуи «К фауне булавоусые чешуекрылые (Lepidoptera, papilionoidea и hesperioidea) ущелье Кондара» маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд.

Дар охир миёни баромадкунандагон, олимон, мутахассисон ва иштирокчиён дар мавзуи конференсия муҳокима ва табодули афкор сурат гирифт.

# ДАР ЛИТСЕЙИ НАЗДИ ДОНИШГОҲ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАҶЛИЛ КАРДА ШУД

**Рӯзи 17.03.2025 дар Литсеи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ бо иштироки омӯзгорон ва хонандагони литсей чорабинии фарҳангӣ баргузолр карда шуд**



Дар чорабинии мазкур мушовири ректор Аламов Ҳ., сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мустафозода А., раиси иттифоқи касабаи кормандон ва донишҷӯён Қодирзода С., омӯзгорону хонандагони литсей ва дигар меҳмонон иштирок ва суханрони намуданд.

Зикр шуд, ки Наврӯз ҳамчун яке аз қадимтарин ва муҳимтарин ҷашнҳо дар таърихи башарият на танҳо дар кишварҳои мухталифи Осиёи Марказӣ, балки дар қалби фарҳанги тоҷикон низ ҷойгоҳи хоса дорад. Ин ҷашн рамзи оғози соли нав, бозгашт ба ҳаёт ва таҷдиди табиат дониста мешавад. Наврӯз барои мо тоҷикон ба маънии иртибот бо таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ ба шумор меравад.

Дар чорабинӣ аз ҷониби хонандагон дар васфи Наврӯз шеъру суруд қироат гардид, ки ба писанди иштирокчиён гардиданд.

Ҳамчунин дар чорабинӣ кормандони "Сирки давлатӣ" фаъолона иштирок намуда, ба хонандагону табомошобинон маҳорати сиркбозии худро нишон доданд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ корманди бахши фарҳанги Донишгоҳ Қуваттов Раҳматулло бо сурудҳои наву тозаи хеш табъи иштирокчиёнро болида гардонид.

Қадри устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.

ЧАШМАНДОЗ

# МОДАР ЧАШМАИ ХУШКНАШАВАНДАИ ҲАЁТИ МУЗАФФАР АСТ

**Модар, чӣ калимаи муқаддас аст, ҳар як инсон аз модар ба дунё меояд. Модар ҳар як фарзанди худро бо меҳри беандозаву муҳаббати бепоён ба воя мерасонад. Меҳру муҳаббати модар нисбат ба фарзанд бемисл аст. Модар фарзандашро ҳанӯз дар вақти дар батнаш будан дӯст медорад, эҳтиёт мекунад. Тамоми фикру зикраш барои сиҳату саломат тифлашро ба даст гирифтан аст. Шоир беҳуда нагуфтааст.**

Як шаба он ранҷ, ки Модар кашид,
Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.

Модар – чи мафҳуми волост. Ҳар вақте ин мафҳумро ба забон меорем, як шахси азизу меҳрубон, қадрдону некусиришт, дилсӯзу муътабар ва раҳнамои ҳаёт ба назар мерасад.

Модар фариштаест дар рӯи замин, ки бо чеҳраи нурониаш ба хонадон нурпошӣ карда, ба дилҳо фараҳу шодӣ мебахшад.

Модар – хуршеди ҳаёт, бахшандаи умри инсонӣ, чароғи хонадон ва муқаддастарин шахсест барои ҳар фард.

Нақши модар дар ҳаёт басе муҳим аст, махсусан дар тарбия, омӯхтани забон ва умуман камолоти маънавӣ ва ҷисмонии фарзанд хеле барҷаста мебошад. Модар – ситораест дурахшон, ки дар шаби зулмот бо қалби саршор аз меҳру муҳаббаташ ба оламу одам рӯшанӣ мебахшад. Модар – ягона шахси мунису ғамхор барои мост. Модар – гулест баҳорӣ, ҳамеша хандону шукуфон, ки аз таровати пурнакҳаташ машоми муаттари биҳишт мерасад.

“Ҳеҷ кас дар зиндагӣ наметавонад амиқтар, самимитар ва воқеитар аз муҳаббати модари хеш дарёбад”, – гуфтааст нависандаи фаронсавӣ Оноре де Балзак дар васфи модар.

Модар – сарчашмаи муҳаббати беканор, махзани ганҷи фарзанд ва ҳимматбаландтарин шахси башарият аст. Модар – бонуи хонадон, офтоби тобон, таскинбахши қалбҳо ва нусратбахши аҳли башарӣ. Модар ҳастияш баракати зиндагист, қудумаш пайроҳаи хушбахтист. Модар ҳаст, ки мо ҳастему ҳаёт ҳаст.

Чи тавре гуфтаанд, биҳишт зери қудуми модарон аст:

**Обрӯи аҳли дин аз хоки пои**
**модар аст,**
**Ҳар чи доранд ин ҷамоат аз**
**дуои модар аст**
**Он чи дар васфи биҳишт фармуд**
**Қуръони Карим,**
**Соҳиби Қуръон бигуфто,**
**зери пои модар аст.**

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши зан-модар гуфтаанд: “Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад”.

Гуфтан воҷиб аст, ки дар Паёми созанда ва пурмӯҳтавои худ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз доштанд, ки; “Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд. Тибқи маълумоти оморӣ соли 1989-ум ҳамагӣ 66 ҳазор нафар занону бонувон соҳиби маълумоти олӣ буданд”.

Дуюм нуқтае, ки Пешвои миллат дар мавриди занон зикр карданд, фаъолияти ин қишри ҷомеа дар сохторҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ буд.

“Имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби эътибору обрӯ гардидаанд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад”, - иброз доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Пешвои миллат нақши занонро дар таҳкими арзишҳои миллӣ ва давлатӣ муҳим шумурда, дар Паёми хеш вобаста ба саҳми занон дар ҳаёти кишвар чунин баён намуданд: “Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст. Мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем”.

Воқеан, имрӯз зани тоҷик дар раванди таҳкими давлатдории миллӣ рисолати нигаҳдории фарҳанг, забон, урфу одат ва анъанаҳо, рисолати ҳифзкунандаи муқаддасоти оила ва тарбияи фарзанд ва рисолати ходими фаъоли ҷамъиятию давлатиро адо намуда истодааст. Ва таҷрибаи беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ собит намуд, ки роҳбарияти давлату ҳукумат, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таъмини баробарҳуқуқии мардону занон ва имконятҳои баробари амалинамоии онҳо диққати ҷиддӣ медиҳанд.

Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш дошта, бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд.

Бузургдошти модар ва эҳтирому қадрдонии заҳматҳои ӯ қарзи ҳар як инсони бонангу номус аст. Мо дар сурате ба пирӯзиву комёбиҳо ноил мегардем, ки дуои неки модарро гирем, ба қадри ранҷу заҳмат, шири сафеди ҷонбахш ва дилсӯзиву ғамхории ӯ расем. Агар нури офтоб аз хуррамӣ бошад, пас модар бо меҳру муҳаббат ва раҳму шафқати хеш сарчашмаи зиндагӣ ва гармии ҳар як хонадон аст.

Модар номи ту чунон бузургу муқаддас аст, ки ҳама бо ин ном ме-



**Хайруллозода Гулшан Хайрулло – н.и.ф.м. дотсент, мудири кафедраи геометрия ва математикаи олии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

фахранду меболанд. Ҳар кас симои дилчаспу меҳрубононаи модарро мебинаду рӯҳаш тоза мешавад ва мехоҳад равшании шоми модар сарбаландии модар бошад.

Оре, модар ҳаст, ки бо туфайли ӯ дунё ободу зебо аст. Ҷаҳон бояд бо модари ғамхору солори мо, бо суруди “Алла”- и ӯ ки саршор аз меҳру муҳаббат аст, фахр кунад ва ҳамагон ӯро, ки гули хушкнашавандаи ҳаёт аст, ҳурмату эҳтиром кунанд.

**Ҳар ки бошад соҳиби ақлу тамиз,**
**Модарашро доимо дорад азиз.**

Оре, давлати фарзандон модар аст. Зиндагӣ худ шеър аст, ки бо аллаи модар ибтидо гирифта, бо номи он хотима меёбад. Ҳар фарзанде, ки қиммати модарро донад бо дуояш хушбахту шуҳратёр мегардад.

**Модар, модар, каси баҳимат бошад,**
**Дидори шарифи ӯ ғанимат бошад.**
**Аз маҳзани панди он бигир арзонӣ,**
**Фардо чӣ кунӣ, ки ганҷи қимат бошад.**

Зиҳӣ, модар, бо чунин қудрату матонат, эҳсону ҷасорат ва меҳру садоқати беканор, ки бузургони олам дар пешат сар фуруд меоранд.

Бузургии зан-модар пеш аз ҳама дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунанда ва ба камолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Модар – бе ту ҳеҷ баҳоре зебо ва ҳеҷ тирамоҳе пурфайз нахоҳад буд. Файзи зиндагонии мо аз туст. Модарам – ту ягона вуҷудаму дӯстам, дастгирам дар парешонҳолию шарикам дар ғаму андӯҳ, лаззати ҳаёту роҳатамои зиндагониям, ту табассуми ҳаётбахши сари гаҳвораи фарзандӣ!

Заҳмату бедорхобиҳои шабонарӯзӣ, сабру таҳаммули бемисли модар танҳо ба худаш хос аст. Инсон дар канори модари дилбанду пурмеҳри ӯ ба камол мерасад ва нахустин мактаби машқу таълими мо оғӯши биҳиштии ӯст.

“Қалби модар зеботарин ва ҷовидонтарин ҷойгоҳи фарзанд аст, ҳатто дар рӯзгоре, ки мӯйҳои фарзанд сафед шуда бошанд”.

Дар ситоиши модар волотарин суханҳо гуфта шудаанд. Дар ҳақиқат ҳам модар дар зиндагӣ шамъест, ки худ месӯзаду ба фарзандонаш рӯшноӣ мебахшад. Агар дар дунё модар намебуд, ҳаёт арзи вуҷуд намекард. Пас ӯ идомабахши ҳаёт аст. Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. Ба таъбири дигар модар – олиҳаи зебоӣ, манбаи меҳру садоқат ва раҳму шафқат буда, ҷаҳонро бо озодагӣ, назокату малоҳати худ рӯҳи тоза мебахшад. Хидмати модар барои башарият беҳудуд аст. Аз ин хотир меҳру муҳаббат ва ранҷи ӯ ҷуброннопазир аст.

Вақте ки вожаи муқаддаси “модар”-ро ба забон меорем, қабл аз ҳама, пеши назар симои ҷаззобу нуронии шахси бароямон ҳамеша азизу арҷманд, гаронмоятарин мавҷуди рӯйи Замин ва сароғози ҳастии насли башар, сарчашмаи мусаффои меҳру муҳаббат, ягона шахси дар пастию баландиҳои рӯзгор барои инсон мунису ғамхор ва дар маҷмуъ, офарандаву идомадиҳандаи зиндагии инсон ҷилвагар мешавад. Зеро, агар Хуршед бо анвори хеш ҷаҳонро файзу рӯшноӣ ва хуррамӣ бахшад, пас, меҳру муҳаббат ва раҳму шафқати зан-модар нури зиндагии инсон, сарчашмаи саршори рӯзгор ва ободию осудагии ҳар хонавода махсуб меёбад.

Калимаи “модар”, ки аз панҷ ҳарф иборат аст, ба назари ман, ифодагари панҷ унсури таҷассумгари шахсияти беҳамтои ӯ – Меҳр, Одамӣ, Дилсӯзӣ, Адолат ва Ростӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки вақте мо калимаи муқаддасу зебои “модар”-ро ба забон меорем, тамоми вуҷудамонро эҳсоси гарму фараҳбахше фаро мегирад, қалбамонро лабрез аз шодию сурур мегардонад.

Табиист, ки фарзанд аз рӯзи таваллуд то лаҳзаҳои охири зиндагӣ ба ёди модар аст, зеро ҳар шахс роҳи рости ҳаёт, покизагию назокат, одобу муомила, рафтору гуфтор, одамияту вафодорӣ ва некиву накукориро маҳз аз модар меомӯзад. Инсон пас аз сари модар низ, дар ҳар кореву ҷое, ки дарбимонад, “модар” мегӯяд, ӯро ҳамчун як инсони зинда ба имдоду ҳамдардӣ металабад, аз насиҳатҳои модар, ҳатто пас аз вафоташ кушоиш металабаду баҳра мебарад. Дар ин маврид фармудаи яке аз бузургони ҷаҳони андеша ба хотир мерасад, ки гуфтааст: “Модар, ҳатто пас аз марг ҳам, муқаддастарин мавҷуди зиндаи олам аст”.

Такя ба вуҷуди ҷаҳону инсонофарини модар, такя бар Яздони пок аст. Модар ягона офарандаи инсони комил аст. Ки ҳамчун беҳдошти бузурги ҳаёт одамиятро ба дунёи равшан оварда, тарбият мекунад ва ба камол мерасонад.

**Хуршед ниҳам ном туро ё ки**
**ҷаҳонтоб?**
**Модар, зи бузургӣ сару пои ту**
**нигин аст.**
**Бар гӯш расад аз ту садое**
**хушам он рӯз,**
**Эй хуш, бувад он рӯз садоят**
**ба танин аст.**

Хулоса, азизон, волидон беҳтарин ганҷинаҳои ноёбу нотакроранд. Онҳо беҳтарин дорои ҳаётанд, ки барои ба дунё омадану ба камол расидани насли оянда хизмати арзанда доранд.

КОНФЕРЕНСИЯ

# «НАВОВАРИҲОИ МЕТОДӢ ДАР АМАЛИЯИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ РУС ДАР ШАРОИТИ МУҲИТИ БИСЁРФАРҲАНГӢ»



**Имрӯз (17.03.2025) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ташаббуси кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти рус конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Навовариҳои методӣ дар амалияи таълими забон ва адабиёти рус дар шароити муҳити бисёрфарҳангӣ» баргузор гардид.**

Дар конференсия сардори раёсат илм ва инноватсия Абдуҷалилзода Ф., декани факултети забон ва адабиёти рус Худойдодзода Ф.Б., олимону коршиносон ва омӯзгорону донишҷӯёни факултети забон ва адабиёти рус иштирок намуданд.

Дар кори конференсия Латофат Назирӣ собиқ муовини вазири Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – д.и.п., профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Оброзование в поликультурном обществе», Гусейнова Т.В. – д.и.п., профессори кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон дар мавзуи «О переходе на новые учебники русского языка», Абдуллоева Т.М. – н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Система упражнений и заданий для улучшения письменной речи студентов-таджиков», Бакаева М.Т. - н.и.ф., мудири кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳони ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар мавзуи «Интенсивное развитие электронных технологий и интерактивного сетевого пространства», Сафарова М.Р. – н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар мавзуи «Интегративные процессы на уроках русского языка в современной школе», Ниятбекова А.Ю., - н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар мавзӯи «Инновационные подходы преподавания русского языка в условиях поликультурной среды» ва Холмуродова Ш. – магистри кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳони ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар мавзуи «Образ мифологических персонажей в таджикских народных преданиях» маърӯза намуданд.

Сипас коференсия кори худро дар бахшҳо идома дод.

МЕРОСИ НИЁГОН

# ОҒОЗИ ЧОРАБИНИҲОИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



**Иштироки фаъолонаи намояндагони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз соати 3-и субҳ дар чорабинии фарҳангӣ бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар боғи Ғалабаи шаҳри Душанбе.**

ҲАМОИШ

# ТАЪМИНОТИ МОДӢ-ТЕХНИКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ”



**Бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи “Таъминоти модӣ-техникии раванди таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ баргузор гардид.**

Дар қисмати ифтитоҳии конференсия муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин суханронӣ намуда, сипас баромадкунандагон мудири кафедраи ташхи сиклиникии озмоишгоҳи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино – доктори илмҳои химия Самандарзода Н. дар мавзи “Технологияи истеҳсоли кислотаҳои холан ва омӯзиши хосиятҳои биологии он”, сардори раёсати таълими Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ – номзади илмҳои техникӣ, дотсент Сияхаков С.М. дар мавзуи “Ташкили самараноки таълими дуалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” ва дотсенти кафедраи фанҳои умумитехникӣ ва мошиншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ – номзади илмҳои педагогӣ Сангов Н.Н. дар мавзуи “Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи маориф” маърӯзаҳои пурмӯҳтаво намуданд.

Дар охири кори конференсия миёни донишмандон, муҳаққиқон ва иштирокчиён дар мавзуи “Таъминоти модӣ-техникии раванди таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” муҳокима ва табодули афкор сурат гирифт.

# БАРДОШТ АЗ МАЪРАКАИ МУҲИМИ СИЁСӢ

**Чӣ тавре, ки ба ҳамагон маълум аст санаи 2-юми марти соли 2025 дар саросари кишвари азизамон интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Боиси ифтихор аст, ки дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ банда бори аввал ба ҳайси аъзои участкаи интихоботии №12-и назди ДДОТ ба номи С.Айнӣ иштирок варзидам. Аз ин рӯ ҳамчун як шаҳрванди ҷумҳурии озоду демократӣ хостам перомуни ташкил, баргузорӣ ва рафти интихобот дар участкаи мазкур ибрози ақида намоям.**

Аъзоёни участкаи интихоботии №12-и назди ДДОТ ба номи С.Айнӣ таҳти раисии Раҷабзода Дилшод як моҳ пеш аз баргузории интихобот як қатор корҳоро аз қабили ба рӯйхатгирӣ ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳо ва корҳои фаҳмондадиҳиро байни иштирокчиён ба таври зарурӣ роҳандозӣ намуданд. Қобили зикр аст, ки ба ҳудуди ҳавзаи участкаи интихоботии №12-и назди ДДОТ ба номи С.Айнӣ хобгоҳҳои донишҷӯён дохил мегардид аз ин сабаб аксарияти иштирокчиёнро донишҷӯёни ДДОТ ба номи С.Айнӣ ташкил медоданд.

Маъракаи интихобот-2025 тибқи муқаррарот соати 6-и субҳ бо садо додани суруди миллӣ оғоз гардид. Сараввал гурӯҳи донишҷӯён бо ҳисси баланди ватандустӣ ва хештаншиносӣ ба маъракаи муҳими сиёсӣ ҳозир гардида, райъи худро ба вакилони арзанда доданд.

Дар участкаи интихоботии мазкур барои овоздиҳӣ ва риояи принсипҳои холисона тамоми шароити зарурӣ фароҳам буд. Аъзоёни участкаи интихоботӣ бо интихобкунандагон ва нозирон бо камоли эҳтиром муошират намуда, сари вақт масъалаҳои ба миёномадаро тавзеҳ доданд. Аъзоёни участка аз ҳисоби омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ таъмин гардида, муносибати онҳо нисбат ба кулли интихобкунандагон, намояндагони ҷомеа, нозирони байналмилалӣ ва рӯзноманигорон самимона ва боадабона сурат гирифт.

Мавриди зикр аст, ки дар участкаи интихоботии №12-и назди ДДОТ ба номи С.Айнӣ тибқи анъана нафароне, ки бори аввал дар интихобот иштирок намуданд аз ҷониби Раёсати донишгоҳ, махсусан Ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ д.и.т. профессор Ибодуллозода А.И. туҳфаи хотиравӣ аз қабили китоб ва гул тақдим карда шуд. Тибқи назарсанҷиҳое, ки тайи чанд рӯзи охир мушоҳида намудем маълум гашт, ки тақдими китоб ба иштирокдорони нахустини маъракаи муҳими сиёсӣ танҳо дар участкаи интихоботии назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба назар расид.

Иштироки фаъолонаи интихобгунандагон гувоҳи он буд, ки интихобот-2025 дар фазои ваҳдату ягонагӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ баргузор гардид.

Тибқи арзёбии мушоҳидони байналмилалӣ интихобот-2025 дар сатҳи олии ташкилӣ, шаффоф ва ошкоро баргузор гардид, ки он бори дигар аз фарҳанги баланд ва маърифати ҳуқуқии мардуми шарифи Тоҷикистон дарак медиҳад. Далели ин гуфтаҳо иштироки 229 нафар мушоҳидони байналмилалӣ дар раванди интихобот мебошад.

Ҳамчунин ҳайати нозирони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҷараёни интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, ягон қонуншиканро дар рафти он ошкор накарданд. Дар ин



хусус роҳбари намояндагӣ Леонид Анфимов зимни нишасти матбуотӣ бахшида ба натиҷаҳои мониторинги омодагӣ ва баргузории маъракаи интихоботӣ чунин иттилоъ дод: «Намояндагии мо ягон қонуншиканиеро, ки метавонад ба натиҷаҳои интихобот таъсир расонад, муайян накард», — гуфт Леонид Анфимов.

Номбурда қайд намуд, ки овоздиҳӣ дар интихоботи вакилони халқӣ дар мамлакат дар вазъияти ором ва дараҷаи баланди ташкилӣ баргузор гардид. Аз он ҷумла, чунин баён дошт: «Ҳайати нозирони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба хулосае омад, ки интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 2 марти соли 2025 баргузор гардид, комилан мутобиқи талаботҳои Конститутсия ва қонунгузории парлумонӣ мебошад. Он ҳамчунин ба инобат гирифтани андешаҳои нозирони байналмилалиро барои такмили минбаъдаи раванди интихобот ифода менамояд»

Иброз гардид, ки намояндагии созмон 18 мушоҳидро аз 7 кишвари аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, аз ҷумла намояндагони ботаҷрибаи мақомоти қонунгузор, иҷроия ва интихоботии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, кормандони дипломатии сафоратхонаҳо дар Душанбе, инчунин кормандони Котиботи Созмони ҳамкории Шанхай аккредитатсия намудааст.

Ҳайати мазкур ба ҳисси баланди ватандустии ва ширкати шаҳрвандон дар интихобот ва фаъолияти бенуқсону маҳорати касбии кормандони комиссияҳои участкавии интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Интихобот дар сатҳи баланди ташкилӣ, ошкоро ва шаффоф баргузор шуда, ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба изҳори озодии иродаи худ таъмин намуд»

Муовини Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Пиао Янфан чунин иброз намуд: «Даъвати мушоҳидони байналмилалӣ хоҳиши роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ошкорбаёнӣ, шаффофият ва демократия дар интихоботи интихобот баҳои баланд дод.

Чи тавре, ки ба мушоҳида расид интихобот ошкору шаффоф, боэътимод ва демократӣ эътироф гардида, ба таври озод ва дар асоси алтернативӣ баргузор гардид. Дар рафти он аксари интихобкунандагон бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ иштироки фаъолона намуда, дар фазои орому осуда ва суботи сиёсию иҷтимоӣ ба ҷонибдории номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ овоз доданд.

Интиҳои интихобот-2025 бо боридани барфи сафед анҷом ёфт. Барфи сафед-ҳамчун фоли нек аз пешрафту шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва рушду тараққиёти минбаъдаи он дарак медод. Бигзор кишвари маҳбуби мо то абад, чун ҳамеша сарсабзу хуррам, ороми осуда ва бо файзу баракат барои наслҳои оянда боқӣ бимонад!!

**Тоҷикистони азизам, дилу ҷонам, Ватанам,**
**Шарафи ҳастии ман, ному нишонам, Ватанам.**
**Набувад беҳ зи забони ту забоне ба ҷаҳон,**
**Набувад беҳ зи ту ҳарфе ба забонам, Ватанам.**

**Дӯстова Навраста – мутахассиси пешбари раёсати илм ва инноватсияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

ДИДГОҲ

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАҲОНИШАВИИ НАВРӮЗ

**Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба миллати тоҷик имконият дод, ки дар фазои истиқлолу сулҳу ваҳдати миллӣ ба эҳё намудани фарҳангу суннатҳои миллӣ ноил гардидем. Дар амалӣ намудани чунин ҳадафтҳо нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои аввали истиқлолият бо фидокорӣ тавонист, ки аҳли илму фарҳанг ва тамоми нерӯҳои солими ҷомеаро атрофи ғояҳои муттаҳидсозанда, пешбаранда ва эҳёи фарҳанги миллӣ гирд оварда, ҷашнҳои миллии тоҷикон, аз ҷумла Наврӯзи оламафрӯзро аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ ба оламиён муаррифӣ намояд.

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо собиқ Директори генералии ЮНЕСКО Коичиро Матсуура тирамоҳи соли 2002 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷаҳонишавии Наврӯз муҳокима гардид. Зимни ин мулоқот сарвари давлат ба директори генералии ЮНЕСКО дар бораи анъанаҳои миллӣ ва кӯҳан будани фарҳанги кишоварзии тоҷикон, ҷашнҳои миллии меросмонда сухан намуд. Аз он ҷумла дар бораи фарҳанги моддӣ, яъне ёдгориҳои таърихӣ ва мадании тоҷикон, фарҳанги ғайримоддӣ аз қабили мусиқии классикии шашмақом ва ҷашни Наврӯз бо ифтихор ёдовар гардид. Дар мавриди Наврӯз ҳамчун ёдгории ғайримоддии тоҷикон соли 2003 ҳангоми мулоқоти ҳайати Комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО бо Коичиро Матсуура дар бораи ба феҳристи ёдгориҳои ғайримоддӣ дохил кардани Шашмақом ва Наврӯз масъалагузорӣ намуданд.

Қадамҳои устувор барои ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз дар Конфронси байналмилалии Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид, ки дар шаҳри Абу Дабӣ аз 28 сентябр то 2 октябри соли 2009 баргузор гардида буд, гузошта шуданд. Дар ин ҷамъомад аз 30 сентябри соли 2009 Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи ёдгории ғайримоддии фарҳангии башарият, ки дар доираи барномаи ин ташкилоти бонуфуз тартиб дода мешавад, дохил карда шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари анҷумани тоҷикону форсизабонони олам баҳри эҳёи анъанаҳои шӯҳратманди тамаддуни ориёӣ, тарғибу ташвиқи он дар ҷаҳони имрӯза саҳми арзанда гузоштааст.

Бо ташаббусу ибтикороти наҷибонаи Сарвари давлат дар ин роҳи пурифтихор аз ҷониби роҳбарият ва давлатҳои Озарбойҷон, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустону Покистон, Қазоқистон, Туркманистон ва дигар кишварҳо дастгирии ҳамаҷониба ёфта, 19 феврали соли 2010 Сессияи 64-уми генералии Ассамблеяи Созмони Милали Мутаҳид дар моддаи 49-и рӯзномаи ҷаласа тахти унвони «Фарҳанги ҷаҳон» дар бораи ҳамчун «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» дар 21 март ҷашн гирифтани Наврӯз қарор қабул кард. Ҳамчунин, Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид кӯшишҳои давлатҳо аъзоҳоро, ки дар ҳудуди онҳо Наврӯз ҷашн гирифта мешавад, ҷиҳати нигоҳ доштан ва ривоҷу равнақ додани фарҳангу анъанаҳои бо Наврӯз алоқамандро дастгирӣ карда, даъват ба он намуд, ки дар ҳолати зарурӣ ҷамъомадҳои ҳамасола бобати таҷлили ин ҷашн ташкил намоянд. Таърихи пайдоиш ва анъанаҳои ин ҷашн бо мақсади пахн кардани маълумот дар бораи аҳамияти Наврӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди ҷаҳонишудани Наврӯз чунин андешаронӣ менамоянд: «Наврӯзи аҷдодии мо дар роҳи ташаккули таърихии худ мушкилию монеаҳои зиёдеро паси сар намуда, чун суннати воло ва расми деринаи миллии тоҷикон ба бисёр мамлакатҳои Машриқзамин роҳ ёфт ва тадриҷан арзиши умумибашарӣ пайдо кард».

19 марти соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиён изҳор дошт, ки «Ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз барои ривоҷи табодули фарҳангҳо, густариши ҳусни тафоҳуми байни миллатҳо ва таҳкими сулҳу суботи халқҳо нақши муассир мегузорад ва барои муаррифии боз ҳам бештари фарҳангу тамаддуни мардуми ориёитабор мусоидат менамояд».

Соли 2011 дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе бузургтарин ҷашнгоҳ «Наврӯзгоҳи пойтахт» ба истифода дода шуд. Ин иншоот дорои 8000 ҷойи нишаст, толори варзиши, меҳмонхона, маҷлисгоҳ, қаҳвахона ва дигар утоқу биноҳои ёрирасон буда, барои баргузории ҳама гуна корҳои варзишӣ ва фарҳангиву фароғатӣ тамоми шароити заруриро дорост ва имрӯз дар хизмати мардум қарор дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мурочиат бо зиёиёни эҷодкор мурочиат намуданд, ки «Баргузории Наврӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ моро вазифадор менамояд, ки расму ойинҳои неки Наврӯзии замонҳои куҳанро аз нав эҳё намуда, ба онҳо шукӯҳу шаҳомати тоза бахшем».



Шарипов М. – н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти сарварии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мизбони ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе шуданд. Ба ин муносибат дар пойтахти кишвар Конфронси байналмилалии Наврӯз-2012 ва тантанаҳои бошукӯҳи идона баргузор гардид. Барои иштирок дар ин тантана сарони давлатҳои Афғонистон, Эрон ва Покистон Ҳомид Карзай, Маҳмуди Аҳмадинажод, Осиф Алӣ Зардорӣ ва дигар меҳмонони олимақом зиёда аз 40 кишвар ва 35 созмони минтақавию ҷаҳонӣ ҳузур доштанд.

Яке аз суннатҳои бисёр неку шоистаи Наврӯз он аст, ки одамон ба истиқболи ин ҷашни фарҳунда на танҳо макони зисту ашёи рӯзгор ва сару либоси хешро нав ё тозаву озода мегардонанд, балки қалбу ботини худро низ аз кинаву адоват ва хушунату бадбинӣ пок месозанд, ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду оғӯши пурмеҳр истиқбол мегиранд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳамасола дар арафаи ҷашни Наврӯз аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маросими шинондани ниҳол ва бунёди боғу майдонҳои истироҳати оғоз мегардад. Бо ин мақсад 19 марти соли 2014 дар шаҳри Душанбе бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғи нави Наврӯзгоҳ мавриди баҳрабардории умум қарор гирифт. Ин боғ дар миёни Қасри миллат ва майдони «Наврӯзгоҳи пойтахт» қарор гирифтааст.

Бо мақсади арҷгузори ва ҷаҳонишудани ҷашни Наврӯз имрӯзҳо ба мушоҳида мерасад, ки дар ҷумҳурӣ кӯчаву хиёбон ва деҳа, як қатор иншоотҳои фарҳангӣ, майдони боғу истироҳатгоҳ, чоихонаву қаҳвахона ва дигар иншоотҳо Наврӯз номгузори карда шудааст.

Ҳамин тавр, Наврӯз аҷам яке аз қадимтарин идҳои мардумӣ аст, ки аз оғози пайдоиши худ дар қаламрави қавмҳои ориёӣ ҷашн гирифта мешуд. Бо гузашти айём фазои ҷашнгирии Наврӯз густариш ёфа, ҳудуди аксари давлатҳои Авруосиёро фаро гирифта, дар тули таърих монеаҳои зиёдеро паси сар намуда, бо рангу тобиши нав таҷлил мегардид ва то замони мо чунин анъанаи неки ниёгон омада расид.

# ИНКИШОФИ НУТҚ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

**Нутқ дар давраи тифлӣ ташаккул ёфта, дар давраи пеш аз томактабӣ ва мактабӣ инкишоф меёбад ва минбаъд дар давоми ҳаёт такмил меёбад. Давраи барвақти бачагӣ барои инкишоф ёфтани нутқ давраи хеле мусоид ба ҳисоб меравад, ки онро давраи сензитивии инкишофи нутқ меноманд, зеро протсеси инкишофи нутқ нисбат ба дигар протсесҳо дар марказ меистад. Инкишофи нутқи кӯдак аввал аз калонсол вобаста аст. Муошири калонсол ба инкишофи нутқи кӯдак таъсир мерасонад.**

То яксолагӣ дар кӯдак нутқи ғайрифаъол пайдо мешавад, ки бо имою ишора ифода меёбад. Ин гуна нутқи ғайрифаъол то 1-1,5 солагӣ давом мекунад баъд ба ҷои он нутқи автономӣ пайдо мешавад, ки он низ ба шахсони наздики кӯдак фаҳмо аст. Нутқи автономӣ бо калима, ҳиҷоҳо ифода меёбад ва дар аввали нутқрониаш кӯдак аз онҳо истифода мебарад[4].

К.Д.Ушинский гуфтааст, ки нутқи забони модарӣ асоси тамоми инкишофи равонӣ ва ганҷинаи тамоми дониш аст. Сари вақт ва дуруст аз худ намудани нутқи образнок аз тарафи кӯдак шарти муҳимтарини инкишофи комили равонӣ ва яке аз самтҳои кори педагогии муассисаи томактабӣ мебошад. Масъалаи инкишофи нутқи образнохи кӯдакон дар тадқиқотҳои олимони ватанӣ – академик М. Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Б.Маҷидова, Л.М. Иматова ҳамчунин дар тадқиқотҳои олимон-педагогони рус Л.С.Выготский, С.Л.Рубинштейн, Б.М.Теплов, О.И.Никифорова, Е.А.Флерина, ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Мутахассисон муайян кардаанд, ки дар давраи ташаккул ва инкишоф ёфтани нутқ бо сабабҳои гуногун дар зери таъсири омилҳои гуногун вайроншавиҳои нутқӣ ба вуҷуд меояд. Чунки дар ин давраи синнусолӣ овози фонематикӣ ва артикулятсионӣ ҳоло ба қадри кифоя инкишоф наёфтааст. Вайроншавиҳои нутқӣ дорои характери физиологӣ ва психологӣ мебошад ва дар фаъолият ва рафтори кӯдак инъикос меёбад. Кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ, аз он вақте ки нуқсони худро мефаҳманд, камгап, шармгин ва мардумгурез мешаванд, худро дар канор мегиранд. Аз ин рӯ бояд ба инкишофи нутқи кӯдак сари вақт аҳаммият дода, ба тозагӣ ва дурустии он диққат диҳем [3].

Синни томактабӣ кӯдакони аз 3 – 7 солагиро муттаҳид менамояд. Дар ин давраи синнусолӣ узвҳои бадан бо суръати тез инкишоф меёбанд. Тағйиротҳои муҳимми анатомию физиологӣ дар фаъолияти рагҳои хунгард, пайвандакҳо, бофтаҳо ба вуҷуд меоянд. Рафти ба устухон табдилёбии скелет ва зиёдшавии вазни мушакҳо давом мекунад. Узвҳои нафаскашӣ ва гардиши хун барои инкишофи мӯътадили узвҳои бадани бача аҳамияти калон дорад.

Дар охири сесолагӣ нутқи кӯдак пурра инкишоф ёфта, дар интиҳои панҷсолагӣ вазифаи дигари нутқ пайдо мешавад: дар оғоз он чун воситаи муошират истифода гардида, минбаъд вазифаи банақшагирии нутқ пайдо мешавад (кӯдак қаблан нутқашро тарҳрезӣ мекунад).

Жан Пиаже ҳангоми гузаронидани таҷриба намуди дигари аҷиби нутқи кӯдаконро мушоҳида кардааст: гарчанде кӯдакон ҳангоми расмкашӣ байни ҳамдигар дар бораи расми кашидаи худ ҳарф зананд ҳам, вале диққати онҳо ба якдигар равона нагардида буд. Ин гуна нутқро Пиаже «нутқи эгосентрикӣ» номидааст, ки маънои нутқи ба худ мутамарказонидашударо дорад. Лозим ба зикр аст, ки барои нутқи мутамарказонидашуда ҳатман ҳамсуҳбат ва шунаванда лозим аст (ин намуди нутқ дар калонсолон низ мавҷуд аст).

Чӣ тавре, ки зикр намудем, дар панҷсолагӣ нутқ вазифаи банақшагириро иҷро мекунад. Нутқи дохилӣ инкишоф меёбад, ки хусусияти хосро дорад: кӯдак ҳангоми банақшагирӣ бо овози баланд гап мезанад, онро ба шахси дигар равона месозад ва ҳатто худ ба худ гап мезанад. Ин намуди нутқро «нутқи ботинӣ» мегӯянд, ки барои он шунаванда лозим нест. Ба воситаи чунин нутқ кӯдак натанҳо муошират мекунад, балки фаъолияти худро низ ба нақша мегирад.

Ҳар як давраи синнусолӣ дар кӯдак навовариҳо ба вуҷуд омада, ӯ аз рӯи хислат ва андоза тағйир меёбад, яъне мувофиқи таълимоти Л.С.Виготский ҳар як синнусоли минбаъда аз пештара бо навгониҳои ба худ хос фарқ мекунад.

Дар ин замина, Л.С.Виготский ақида дошт, ки кӯдак ҳамон вақт рушд мекунад, агар муносибати фарҳангӣ ва маънавиро аз худ карда бошад,ки муносибати фарҳангӣ танҳо бо роҳи таълим аз худ карда мешавад. Дар аввал калонсол кӯдакро меомӯзад (ин амал дар якҷоягӣ сурат мегирад) ва минбаъд кӯдак худаш мустақилона амалҳоро иҷро мекунад. Ва тавре ӯ қайд мекунад таълим роҳбалади инкишоф аст, яъне аввал таълим, пас инкишоф (мисол, кӯдак бо кӯмаки калонсол нутқро азхуд мекунад.

Тафаккур бо нутқ алоқаи ҷудонашаванда дорад ва аз ин рӯ тафаккур бе нутқу нутқ бе тафаккур вуҷуд дошта наметавонанд. Зеро одам тавассути калима, сухан, дониш, таҷриба ҷаҳонбинии худро ба дигарон пешкаш менамояд, мефаҳмонад, исбот мекунад ва худ ҳаҷми муайяни дониш, маълумот, тасаввурот маҳорату малакаҳоро аз худ менамояд.

Бояд қайд кунем, ки дар синни томактабӣ амалҳои фикрии тафаккур аз тафаккури нутқӣ пеш меравад. Агар барои инкишофи нутқ шароитҳои заруриро муҳаё накунем, натанҳо нутқи вай инкишоф намеёбад, балки ба инкишофи тафаккур таъсири манфӣ мерасонад.

Фаъолияти нутқии томактабиён аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Нутқ – ҳодисаи психикиест, ки тавассути забон ифода мегардад. Инкишофи нутқ дараҷаи инкишофи тафаккурро ифода менамояд. Вобастагии сифатии тафаккур бо нутқро К. Д. Ушинский, Л. С. Виготский, Л. С. Рубинштейн, А. Р. Лурия қайд карда буданд. Нутқ ба инкишофи тафаккур замина мегузорад. «Нутқ – ин воситаи инкишофи фикр буда, ҳар қадре, ки кӯдак забонро тезтар аз худ кунад, ҳамон қадар донишро ба осонӣ ва ба пуррагӣ аз худ мекунад» [1].

Нутқи кӯдак ҳамон вақт инкишоф меёбад, ки агар калимаҳоро худаш талаффуз кунад, фикрашро ифода намояд. Нутқ дар муошират кӯдак бо ҳамсолон, калонсолон, дар рафти фаъолияти бозӣ, таълимӣ, меҳнатӣ инкишоф меёбад. Нутқи кӯдакони синни томактабӣ дар рафти машғулиятҳои инкишофи нутқ, шиносой бо адабиёти бадей, таёрӣ ба таълими савод инкишоф ёфта, дар рафти машғулияти инкишофдиҳии тасаввуротҳои оддитарини математикӣ, санъатти тасвирӣ, хештаншиносӣ, халқомӯзӣ ташаккул ёфта, захираи луғавии онҳо бо мафҳумҳои барояшон нав бой мегардад. Онҳо фаҳмида мегиранд, ки як калима маънои дигар ҳам доштааст. Масалан, калимаи «Падар» - ро бо калимаи «Дада», «Ота», калимаи «Модар» - ро бо калимаи «Оча» иваз кардан мумкин аст.

Чӣ тавре ки психологон Л. С. Виготский ва Н. И. Жинкина қайд мекунанд «Оламни иҳотакардаро гар чанде, ки кӯдакон тавассути эҳсосу идрок дониста гиранд ҳам, ки онро системаи сигналии якӯм ташкил мекунад, вале ба воситаи нутқ аст, ки он системаи сигналии дуюм аст, кӯдак фикрашро ба нақша даровварда, бо ёрии калима ифода мекунад» [2].

Тадқиқотҳои махсуси гузаронидаи олимон нишон дод, ки дар 25% бачаҳои 4 сола нуқсонҳои ҷидди нутқӣ мушоҳида мешавад. Чунин нуқсонҳои нутқӣ дар солҳои 70-ум 4%-ро ташкил мекард. Дар 30 соли охир шумораи кӯдакони нуқсони нутқӣ дошта 6 маротиба зиёд шуд[2].

Саволе ба миён меояд, ки ин ҳодиса ба телевизион чӣ алоқамандӣ дорад? Кӯдак дар назди экрани телевизион нишаста, мунтазам нутқи қаҳрамонони филми тасвириро мешунавад. Яке аз протсесҳои маърифатӣ хаёл ба ҳисоб меравад ва масъалаи инкишофи хаёли кӯдакони синни томактабӣ яке аз масъалаҳои муҳим махсуб ёфта, дар соҳаи психологияи бачагона нисбатан кам тадқиқ карда шудааст. Натиҷаи тадқиқотҳои психологи намоён Л. С. Виготский нишон медиҳанд, ки хаёл дар рафти фаъолиятҳои гуногун (бозӣ, таълим, меҳнат) зина ба зина инкишоф меёбад.

– Ҳамроҳи кӯдак аз рӯзҳои аввали таваллудаш гап занед. Ҳарчанд дар ин овон атрофиён ва волидайн бо навзод тифлвор гап заданро кӯшиш мекунанд, вале беҳтар мешавад, ки талаффузи калимаҳоро дақиқ ва бурро ба роҳ монед. Ҳамроҳи кӯдакони ба синни як ё дусолагӣ расида, бо истифода аз усули такроркунӣ гап задан фоидабахш хоҳад шуд;

— Дар синни 2-2,5 солагӣ, вақте кӯдак гап заданро меомӯзад, метавон барои инкишофи нутқи гуфтугӯияш аз саволҳои гуногун истифода кард;

– Дар синнни сесолагӣ кӯдак аз гап задан завқ мегирад. Дар ин синну сол бо кӯдак ҳар чӣ бештар муколама карда, барои бой гардонидани захираи луғавияш ва дуруст сохтани ибораҳои сода кӯмак кунед;

– Дар синни 3,5 солагӣ усули гуфтори муболиғаомез, паст ё баланд кардани шева ва садои нутқи гӯиш диққати кӯдакро ҷалб мекунад;

– Дар синни 4 солагӣ малакаи идроки кӯдак ба ҳадде инкишоф меёбад. Азбаски кӯдак дар ин синну сол то ҷое аллакай ба дарки тазодҳо мерасад, ҳангоми гуфтор аз мафҳумҳои бо ҳам зид истифода баред;

– Дар синни 5 солагӣ кӯдак ба монанди калонсолон ба дарки аҳамият ва нозукиҳои сухан мерасад. Бо атрофиён муколама барпо мекунад. Таҳсину таърифро хуш мепазирад;

– Ба кӯдак ҳатман дар хурдсолӣ рангҳоро омӯзонед. Азхуд кардани рангҳо ва фарқ гузошта тавонистан миёни онҳо барои инкишофи нутқи гуфтор кӯмак мекунад. Зеро номи рангҳо аз калимаҳое иборатанд, ки кӯдак онҳоро бо осонӣ талаффуз карда метавонад;

– Баъд аз синни 5 солагӣ ба кӯдак ҳатман ҷумласозии мураккаброро омӯзонед. Зеро дар ин овон зеҳни кӯдак барои ҳазми ин гуна ҷумлаҳо аллакай омода аст. Ҳарчанд дар назари калонсолон азхуд кардани ҷумлаҳои мураккаб

АФКОР

# НАМОЁНТАРИН ЗАНОНИ АҲДИ ПЕШДОДИЁН ВА КАЁНИЁН

**Ҳанӯз аз бомдоди таърих ниёгони мо ба манзалати зан – модар эҳтиром мегузошт. Дар фарҳанги тоҷикон аз қадимулайём зан чун рамзи муҳаббату садоқат ва покию меҳрубонӣ дониста мешуд.**



Маҳмудов Давлатшоҳ – мудири бахши таҳлил ва робита бо ҷомеаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Дар умум фарҳанги тоисломии тоҷикон ба зан эҳтиром мегузошт. Бозёфтҳои археологӣ ва таҳлили як қатор сарчашмаҳои муътамади илмӣ далолат бар он мекунанд, ки аз ибтидои таърих ориёиҳо ба зан эҳтироми хосса доштанд. Ин манзалат дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ низ на танҳо вуҷуд дошт, балки инкишоф ёфт. Махсусан, дар давраҳои ташаккули давлатдории гузаштагони мо ин падида баръало намудор буд. То ҳуҷуми арабҳо зан ҳамчун малика, модар, завҷа, муҳофизи марзу бум ва умуман бонуи хонадон мавриди эҳтироми махсус қарор дошт. Яке аз чунин давраҳои тиллоии густариши ҳуқуқи зан ва бораларовии мақоми ӯ, ин замони ҳукмронии сулолаҳои ориёии Пешдодиён ва Каёниён мебошад.

Замони ҳукмронии сулолаҳои қадимтарин: Пешдодиён ва Каёниён занон дар қатори мардон соҳиби эҳтиром ва обурӯй буданд. Ба ин гуфтаҳои мо асарҳое ба монандӣ: «Авесто», «Ҳистория»-и Ҳеродот, «Таърихи Форс»-и Ктесий, «Бундаҳишн», «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ, «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва ғайра, шаҳодат медиҳанд.

Таърих номи беҳтарин симоҳои занони диловару мушфиқи ориёиро дар аҳди ҳукмронии сулолаҳои зикршуда дар хотираи худ ҳифз кардааст. Дар ин миён намоёнтарин чеҳраҳо инҳоянд: Сангҳавак ё Шаҳрноз, Аренавак ё Арнавоз (хоҳарони (ба ривояти дигар духтарони) шоҳи Пешдодиён Ҷамшед), Фаронак (модари шоҳи Пешдодиён Фаридун), Синдухт (завҷаи шоҳи Кобул – Меҳробшоҳ), Рӯдоба (модари сарлашкари бузурги ориёиҳо Рустами Наримон), Таҳмина (завҷаи Рустам ва модари паҳлавони тӯронӣ Сӯҳроб), Манижа (духтари шоҳи Тӯрон Афросиёб), Дуғдуға (модари нахуст паёмбари ориёиҳо Зардушт), Ҳвова (зани Зардушт), Мадюманга (хоҳари Зардушт), Фаренӣ, Тритӣ, Поуручиста (духтарони Зардушт), Гурдофарид (сарбози шуҷоъи ориёиҳо дар аҳди Каёниён), Варидкана ва Ҳумоё духтарони шоҳ Гуштосп ва дигарон, мебошанд.

Бинобар сабабе, ки то имрӯз атрофи ному корномаи эшон аз нигоҳи илмӣ тадқиқоти бунёдие сурат нагирифтааст наметавон ба таври дақиқ атрофи номашон сухан кард. Аммо то имрӯз ончӣ, ки ҳаст танҳо дар асоси манобеи адабию асотирӣ ҷамъ оварда шудааст. Бо вуҷуди он, ҳар яке аз ин чеҳраҳо дар замони худ тавонистанд соҳиби мақом ва манзалати муайян шаванд. Ба таври мисол, дар покию садоқатмандӣ Шаҳрнозу Арнавоз – хоҳарони шоҳ Ҷамшед хело маъруф ҳастанд. Онҳо ҳангоми ҷанги шоҳи хунхори Пешдодиён Заҳҳок ба асирии ӯ меафтанд. Аммо дар рафти шӯриши Коваи оҳангар аз тарафи Фаридун хоҳарони Ҷамшед аз асорат озод шудаю ба никоҳи Фаридун даромаданд. Чеҳраҳои минбаъдаи сулолаи Пешдодиён – бародарон: Эраҷ, Салм ва Тур фарзандони ин хоҳарон мебошанд.

Шоҳ Фаридун низ дар домони яке аз занони матинирodaю қавипайкар ва баробари ин хело ғамхору мушфиқ – Фаронак таваллуд шудаю камол ёфтааст. Агарчӣ нотавонбинон ҳанӯз аз таваллуди Фаридун бо амри Заҳҳок (Аждаҳака) мақсади нест кардани ӯро доштанд, аммо Фаронак бо ҳар роҳу васила тавонист ӯро пинҳон кунаду ба воя расонад. Ба навиштаи олимон ин зан фарзанди худро «ба паноҳи марди наҷиби рустоии кӯҳистонӣ пинҳон карда буд. Фаридун дар хонадони ин марди наҷиб, бо тарбияи хуб ба воя расида, родмарди баркамоли зебо, шуҷоъу далер, одилу пурхирад ба воя расид». Бинобар навиштаи олими тоҷик Юсуфшоҳ Яъқубов; «Худованд барои Фаридун модагове бо номи Бармоя ато мекунад, то ки аз шири он вай бузург шавад. Фаридун то 18 солагӣ дар чойҳои гуногун – дар кӯҳҳои Албурз пинҳон мешавад ва сипас пеши модар омада, аҷдоди худро мепурсад». Дар оянда Фаридун, ки аз душмани Ҷамшед буд қасоси ӯро аз Заҳок мегирад ва ба ҷои зулму истибдод нуру саодатро таъмин мекунад.

Ба монанди Фаронак ду зани дигар – Рӯдоба (модари сарлашкари бузурги сакоиҳо Рустами Наримон) ва Таҳмина (завҷаи Рустам ва модари паҳлавони тӯронӣ Сӯҳроб) ҳамчун модар тавонистанд фарзандонеро тарбия кунанд, ки дар таърих нақши муайян дошта бошанд.

Модарбузурги Рустами дастон, паҳлавони сакоӣ бо номи Синдухт дар сарчашмаҳои адабии асримиёнагӣ, аз ҷумла «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ чун зани порсою нектадбир ёд мешавад. Дар айёми бисёр ҳасос, ки барои Кобул зарур буд Синдухти ботадбир бо либоси разм назди Сом меравад аз ҷангу хунрезиҳо пешгирӣ мекунад.

Аз духтарони Рустами дастон, Бонугушасп зиёд дар асарҳои «Шоҳнома», «Баҳманнома» ва «Барзунома» ба некӣ ёд мешавад. Дар зебоӣ беҳамто ва дар делерию саркашӣ беназир будааст. Шоҳони Чину Рум, хешон Кайковус, Тӯси паҳлавон борҳо аз Рустам барои ин духтараш хостгорӣ намуданд. Аммо Рустам хостгории Гев – фарзанди Гударзро пазируфт. Ҷасорату паҳлавонии ин зан то ҷое буд, ки пасон дар асри XI атрофи корномаи ӯ асаре бо номи «Бонугушаспнома» аз тарафи муаллифи номаълуме иншо гардид. Аз рӯи маълумоти асари мазкур Бонугушасп то ҳадде ҷанговар будааст, ки боре аз сабаби нашинохтан дар яке аз набардҳо бо падараш Рустам ӯро захмин мекунад. Тибқи маълумоти «Бонугушаспнома», ҳатто то ба шавҳар баромадан бо паҳлавон Гев ба набард баромада ӯро мағлуб мекунад. Барои ин амалаш падар духтарашро танбеҳ медиҳад. Дар ин асар набарди вай бо бародараш Фаромарз низ ёд мешавад. Духтари дигари Рустам – Зарбону, хоҳари Бонугушасп мисли апааш паҳлавону далер ва ҷанговари беҳамто будааст.

Манижа – духтари шоҳи Тӯронзамин – Афросиёб, бо ишқу самимияти покаш собит намуд, ки барояш арзишҳои инсонӣ муқаддамтар аз ҳар чизи дигар аст. Ӯ бо чунин амали хеш рамзи муҳаббати замони худ гардид. Ҳамин буд, ки образи Манижа ва Бежан дар осори адибони зиёди минбаъда чун ишқи самимӣ ва инсонӣ роҳ ёфт. Бежан фарзанди Бонугушасп ва Гев буда яке аз қаҳрамонони достонҳои ҳамосӣ гардид.

Модари Зардушт – Дуғдуға зани донишманду покдоман ёд мешавад, ки зодаи мулки Роғ будааст. Бинобар навиштаи донишманди эронӣ М. Муъин волидайни паёмбар Зардушт аз одамони босавод ва муътабарони замони худ буданд. Дар «Авесто» духтарони Зардушт – Фаренӣ (Френ, маънои фаровонию баракатро дорад), Тритӣ (Сирит, дармонбахш), Поуручиста (хирадгустар) ба некӣ ёд мешаванд. Махсусан, духтари хурдӣ Поуручиста хело зани донишманд буд ва номаш низ ҳамин маъниро ифода мекунад. Ӯ завҷаи вазири Каёниён Ҷомосп буда, дар кори шавҳар чун мушовир хидмат мекард.

Дар дарбори шоҳи Каёниён – Гуштосп нақши бонувон хело баланд буд. Дар «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ яке аз занҳои шоҳ Гуштосп Ноҳид (Аноҳид) ё Катоюн – духтари қайсари Рум гуфта мешавад. Мувофиқи маълумоти асари мазкур Гуштосп ҳангоми сафар ба Рум (қаламрави Осиёи Хурд) Ноҳидро ба ақди никоҳи худ медарорад. Ба навиштаи ҳаким Фирдавсӣ аз домани поки ӯ родмардоне бо исми Исфанёр ва Башутан тавлиду тарбия ёфтанд. Ба назари аввал гумон меравад, ки пушти модарии Исфандиёри Рӯинтан румист. Аммо тадқиқи мӯшикофонаи олимон ин андешаро инкор мекунад. Донишманди номовари тоҷик устод Ю. Ёқубшоҳ ба ҳамин масъала таваҷҷӯҳ намуда, чунин менависад: «Бояд тазаккур дод, ки дар Осиёи Хурд аз қадим ориёиҳо мезистанд ва ин диёр яке аз марказҳои фарҳангии ориёӣ буд. Дар ин ҷо маъбадҳои оташ, Аноҳид, Меҳр ва дигар худоёни қадим зиёд буданд. Сафари Гуштосп ба ин диёр ва хонадор шудани ӯ ба Аноҳид ном духтаре низ як акси садоест аз умумиятии таърихи мардуми ориёии дар Осиёи Хурд буда, бо Осиёи Марказӣ. Яъне Гуштосп ба авлоди Салм хонадор шуда ва пайвандҳои пешинро бори дигар барқарор менамоянд... Бесабаб нест, ки номи духтари императори Рум Аноҳид ё Катоюн аст, зеро ҳарду ном номҳои ориёӣ: Аноҳид исми фариштаи об ва Катоюн номи бародари Фаридун аст».

Ба авлоди Салм пайванд шудани Гуштосп гуфта муаррих кӯчиши ориёиҳо ба сарзаминҳои Аврупою Осиёи Хурд ва иртиботи он ба тақсими ривоятии ҷаҳон байни фарзандони Фаридун: Эраҷ, Салм ва Турро дар назар дорад. Тибқи ин ривоят, ки Табарӣ овардааст заминҳои Руму Рус ва Ғарб ба ихтиёри Салм гузошта шуда буд.

Духтарони шоҳи Каёниён Гуштосп – Варидкана ва Ҳумоё низ дар сарчашмаҳои таърихӣ чун занони боиффату донишманд зикр шудаанд.

(Идома дар саҳ. 16)

*Эй басо, олим зи дониш бенасиб,*
*Ҳофизи ом аст он кас, не ҳабиб.*

## БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАР

# НАМОЁНТАРИН ЗАНОНИ АҲДИ ПЕШДОДИЁН ВА КАЁНИЁН

*(Аввалаш дар саҳ. 16)*

Онҳо дар ҷанги зидди тӯрониён асир гирифта шуданд. Пасон бародарашон Исфандиёр онҳоро озод намуд. Маънои номи Вардикана макон ва ё ҷойгоҳи баланд буда, дар «Шоҳнома» бо номи Беҳофарид ёд шудааст. Ҳумой бошад дар Авесто Ҳумайа, дар забони паҳлавӣ Ҳумок ба маънии «хумоюн ва фархунда» фаҳмида мешавад. Дар асари «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ Вардикана бо номи Уфия ёд мешавад.

Гурдофарид духтари Гаждаҳам, бо корномаи хеш нишон дод, ки занони орийӣ дар баробари мардон маҳорати баланди ҷанговарӣ доранд. Онҳо метавонанд дар баробари иҷрои амалҳои занона дар ҳифзи марзу буми Ватан низ нақш гузоранд. Дар таърихи забони мо истилоҳи «гурд» ба маънии паҳлавонӣ, далерӣ истифода шудааст. Қисмҳои ҳарбии бо номи «горд», «гордиён» ва ҳатто «гвардия»-и замони мо низ реша ба «гурд» дорад. Хоси чунин ҳарбиён, танҳо далерию ҷасорат нишон додан буд. Аз он, ки Абулқосим Фирдавсӣ «Зи гурдони шоистаи корзор...» мегӯяд, ҳамин далерию паҳлавонии гурдонро зери назар дорад. Номи ҷуғрофии Кангурд (на Кангурт) низ ба ин истилоҳ пайвандӣ дошта маънои деҳаи паҳлавононро ифода мекунад.

Воқеан Гурдофарид дар сарчашмаҳо, ба хусус «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ симои ҷасорату далериро таҷассум мекунад. Набарди вай бо паҳлавон Сӯҳроб муҳимтарин ва ҷолибтарин саҳна дар адабиёти қадимаи орийӣҳо мебошад.

Бо ҳамин образи Гурдофарид дар Шарқу Ғарб машҳур гардид. Донишманди рус Н. Г. Чернишевский ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шинос шуда, ба образи Гурдофарид баҳои баланд додааст. Ба навиштаи ин донишманд образи Гурдофарид аз образҳои офаридаи Шекспир ба монади Дездемона ва Ҷулета бартар аст.

Охирин шоҳи Каёниён Ҳумой ном зане буд, ки духтари Баҳман ва набераи шоҳ Гуштосп бо лақаби Чеҳрзод. Дар «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ гуфта мешавад, ки гӯё Баҳман духтари худро ба занӣ мегирад ва ӯ пас аз Баҳман 32 сол подшоҳӣ мекунад. Ба навиштаи академик Ю. Яъқубшоҳ: «Ривояти ба занӣ гирифтани Баҳман духтарашро ва аз ӯ зодани писаре бо номи Доро, устураи бофтаи замони Сосониён аст, ки мехостанд шоҳони Ҳахоманиширо идомабахши тоҷу тахти Каёниён ҷилвагар созанд». Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ оварда мешавад, ки Ҳумой зани оқилу ботадбир буда дар Балх мақом дошт ва то марг шавҳар накард. Бинобар сарчашмаҳои таърихӣ дар аҳди ӯ адлу адолат пойдор гардида будааст. Аз рӯи маълумоти Табарӣ номи аслаш Хумоно буда ба хотири некиҳои падараш ва ақлу ҷамоли комилу далериаш Шаҳрозод лақаб доданд. Ба ривояти Гардезӣ вай шаҳри Ҳамадонро бунёд гузоштаю ободониҳои зиёде кардааст. Тавре дар асари ин донишманд «Зайну-л-ахбор» мехонем: «Ӯро Чеҳрозод гуфтандӣ. Дорулмулки Балх ба Ироқ бурд ва дорулмулк ба Мадоин сохт. Ва чаҳор сол андар он буд, то он сохта кард ва бар дили Даҷла пул ниҳод. Ва оби Фурот биронд ва расми оби осиё ӯ овард ва пеш аз он дастосиё буд. Ва Ҳамадон ӯ бино кард. Ва подшоҳӣ ба зиндагонии хеш ба бародар ва писари хеш бидод, номи ӯ Дороб ибни Баҳман. Ва Ҳумой фармуд, то корезҳои бисёр берун оварданд. Ва фармуд, то шаҳрҳоро бора кашиданд».

Тибқи маълумоти «Форснома» Баҳман ба ҷуз Ҳумой боз ду духтари дигаре бо номҳои Фарансаҳ ва Баҳмандухт доштааст, ки атрофи онҳо чандон маълумоти бештар дастрас нест.

Ҳумой аз охирин силсилаи шоҳони дудмони Каёниён буда, пас аз ин идомаи ҳукуматдорӣ аслан дар ҳудуди қаламрави таърихии зисти орийиҳо ба ихтиёри хонадони Ҳахоманишиҳо мегузарад.

Занон бо хислатҳое пур аз меҳру муҳаббат дар низмои идорию давлатдории сулолаҳои орийии Пешдодиёну Каёниён нақши бориз гузоштанд. Яқин аст, ки маҳз бо шарофати эшон давоми муддати арзи ҳукуматдории сулолаҳои болозикр шукуфоию равнақ ҳамвора ба назар намоён будааст. Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид хело нишонрас, мегӯянд: «Далели бебаҳс аст, ки симои занони соҳибмаърифат, ҷасуру далер ва адолатпарвари тоҷик аз паси садсолаҳо дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи халқамон ҳамсару мардуми мо тавону неру мебахшад».

Доир ба паҳлӯҳои гуногуни чеҳраҳои намоёни занони аҳди Пешдодиёну Каёниён ҳанӯз ҳам маводҳое дар шакли пароканда ва бо тарзи устураю ривоят боқӣ мондааст. Имрӯз зарур аст, ки чунин сарчашмаҳои таърихиро пажӯҳандагон дар асоси маводҳои археологӣ қиёс намуда, ба риштаи таҳлилу баррасии илмӣ бикашанд, то ин саҳифаҳои таърихамон боз ҳам рӯшантар гардад.

Тадқиқотҳои бостоншиносон низ зиёд собит намудааст, ки дар ҳақиқат зан дар аҳди қадим дорои ҳуқуқҳои махсуси худ будааст. Бозёфтҳои Сафолтеппа, ки дар боло атрофаш ҳарф задем гувоҳи он аст, ки зан малика, доро, ва беҳтарин зиндагӣ доштанро ҳуқуқ дошт.

Ҳафриёти олимон, аз ҷумла бостоншинос Юсуфшоҳ Ёқубшоҳ дар ёдгории Гелоти шаҳри Кӯлоб, ки аслан ба аҳди Каёниён рост меояд, нишон дод, ки зан посдори оила ва ғамхори фарзандон аст. Пайдо шудани дегу кӯзачаҳо аз дохили қабрҳои занон ҳамин маъноро ифода мекунад.

Зан чун ғамхори оилаю кӯдакон ва шавҳар дар асоси кори бостоншиносон исбот шудааст. Аз ёдгории дигари замони Каёниён қабристони Қумсой (шаҳри Турсунзода) бостоншиносон Н. М. Виноградова ва Л. Т. Пянкова ҳангоми ҳафриёт давоми солҳои 1987 – 1988 қабрҳое пайдо намуданд, ки зан ҳамроҳи кӯдакаш гӯронида шудааст.

Бозёфти қабри зану мард, паҳлуи ҳам аз қабристони Тулхар, (н. Носири Хусрав) аз тарафи бостоншинос А. М. Манделштам, солҳои 60-уми асри ХХ, баробарҳуқуқии зану мард ва эҳтироми онҳоро ба ҳамдигар ифода мекунад. Ба ин монанд, ҳатто олимон аз қабристонҳои водии Вахш қабрҳоеро пайдо карданд, ки зану мард рӯ ба рӯи ҳамдигар гӯронида шудаанд. Баъдан олимон чунин қабрҳоро аз ёдгориҳои ҳудуди ноҳияи Фархор низ пайдо карданд.

# ИНКИШОФИ НУТҚ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

дишвор метобад, вале кӯдак онҳоро бо осонӣ дарҳол ёд мегирад. Ҳамин тавр дар кӯдак муҳаббати забономӯзӣ ҳам парвариш меёбад;

– Бо кӯдак ҳар чӣ бештар вақт гузаронед. Ӯ бояд ҳис кунад, ки барои атрофиён азиз асту дӯсташ медоранд;

– Ҳар чӣ бештар бо ҳамсолонаш бозӣ кунад. Дар муҳити иҷтимоӣ фаъол бошад;

– Агар кӯдак ҳангоми гуфтор душворӣ мекашида бошад, диққаташро аз болои чунин душворӣ дур созед. Ӯро барои ин танқид ва бо ҳамсолонаш қиёс накунед. Дуруст аст, ки сухан гуфтан василаи муассири робитасозӣ мебошад. Вале бояд иқрор шуд, ки василаи ягона нест. Аз ин рӯ, агар кӯдак дар гуфтор душворӣ кашад, ҳатман бо табиб ва мутахассиси соҳа машварат кунед. Кӯдак набояд бинобар чунин душворӣ дилтанг шавад ва аз болояш фишори волидайнро ҳис кунад.

Хулоса, масъалаи инкишофи психикии кӯдакони синни томактаби аз масъалаҳои ҳалталаби имрӯзи ҷомеа маҳсуб меёбад. Чунки давраи томактаби заминаи рушди психикӣ ва ташаккулёбии шахсият ба шумор меравад. Гуфтан мумкин аст, ки ин давра давраи муосид (сензитивӣ) барои рушди фаъолияти маърифатии кӯдакон мебошад ва албатта фаъолияти калонсолон аз он ҷумла мурабиён ва волидон дар ин масъала бузург аст. Аз сабаби он ки таҳқиқи психологии ин масъала ниҳоят муҳим аст, аммо таҳқиқотҳои илмӣ роҷеъ ба ҷомеаи муосири Тоҷикистон камшуморанд мо зарур донистем, ки хусусиятҳои кӯдакони синни томактабиро дар шароити кӯдакистони муосир таҳқиқ намоем.



**Назирзода Маҳноза – магистранти курси 2-юми факултети психологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**




Омӯзгори ҷавон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**Нaҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов**
**САРМУҲАРРИР:**
**ФАРИДУН КЕНҶАЗОД**
**Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон: 224-55-06

Нашрия тахти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.

**Адади нашр: 50 нусха**